Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

16 майи соли 2026
Шанбе
№ 39 (15258)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДАР ҲАМОИШИ ҒАЙРИРАСМИИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ ЯК ҚАТОР ТАШАББУСҲО ПЕШБАРӢ ГАРДИДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Ҷомарт Тоқаев 15 май бо сафари корӣ дар ин кишвар шуд.**






Дар доираи сафар Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев якҷо бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев бо масҷиде, ки дар шаҳри Туркистон аз ҷониби Ӯзбекистон бунёд шудааст, шинос шуданд.

Масоҳати умумии маҷмаа зиёда аз 7 гектарро ташкил медиҳад ва дар он беш аз 5 ҳазор нафар метавонанд намоз гузоранд. Ансамбли боҳашам аз чор манораи 70-метрӣ ва бинои асосии сеошёна иборат аст, ки толори асосӣ ва айвонҳои суннатиро дар бар мегирад.

Дар масҷиди ҷомеъ, ки тибқи беҳтарин анъанаҳои меъмории исломӣ ва шарқӣ барпо шудааст, нақшу нигори миллӣ, гунбазҳои шарқӣ, манораҳои баланд ва технологияҳои муосири сохтмон бо ҳам ҳамоҳанг гардидаанд. Дар ороиши дохили масҷид намунаҳои санъати хаттотӣ ва наққошии исломӣ ба таври васеъ истифода шудааст.

Ба ободонии 4,2 гектар ҳудуди атроф низ диққати махсус зоҳир мегардад. Дар ин ҷо майдонҳои сабз, пайроҳаҳо, ҷойҳои истироҳат, сохторҳои рӯшноидиҳӣ, иншооти ороишӣ ва фаввораҳо қад рост менамоянд.

Таъкид гардид, ки ин маҷмааи боҳашам, ки аз ҷониби Ӯзбекистон ҳамчун тӯҳфа барои халқи бародари Қазоқистон ва сокинони Туркистон сохта шудааст, ифодаи дурахшони дӯстии бисёрасра, наздикии фарҳангӣ, муносибатҳои накӯҳамсоягӣ ва ҳампаймонии байни ду кишвар гардидааст.

Оятҳо аз Қуръон қироат гардида, бо орзуи сулҳу фаровонӣ барои халқҳои бародар дуо карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НИШАСТИ ҒАЙРИРАСМИИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Муҳтарам иштирокдорони нишаст!

Пеш аз ҳама мехоҳам ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев барои ташаббуси баргузории нишасти ғайрирасмии Созмони давлатҳои туркӣ дар шаҳри қадимиву зебои Туркистон, инчунин барои пазироии самимӣ ва меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори сипоси самимӣ намоям.

Ҳамчунин ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Ҳайдарович Алиев барои раёсати самарабахш дар Созмони мо ва талошҳои бузург ҷиҳати таҳкими обрӯи байналмилалии он миннатдории амиқ баён мекунам.

Он чиз маънии амиқи рамзӣ дорад, ки мулоқоти имрӯза дар арафаи иди барои тамоми уммати ислом муқаддаси Қурбон баргузор мегардад.

Дар ҳақиқат, ҳамаи моро таърихи куҳан, дини муқаддас, арзишҳо ва анъанаҳои фарҳангии аз умқи асрҳо сарчашмагирифта ба ҳам мепайванданд.

Дар тӯли асрҳо шаҳри Туркистон маркази муҳими тиҷоратӣ ва фарҳангии Роҳи бузурги абрешим буд ва таърихи пуршарафи он бо номи аҷдоди бузурги мо Хоҷа Аҳмади Ясавӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ин шаҳри муқаддас рамзи равшани ваҳдат ва ҳамбастагии халқҳои мост.

Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам ба Президенти муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич барои суханони самимӣ дар бораи масҷиди бузурги ҷомеъи Туркистон, ки тӯҳфаи дӯстонаи халқи мо ба мардуми бародари Қазоқистон гардид, изҳори сипос намоям.

Кори азими созандагии роҳбарияти Қазоқистон барои дигаргунсозии куллии симои меъмории Туркистон, бешубҳа, ин шаҳрро ба яке аз марказҳои маънавии пайванддиҳандаи халқҳои бародари мо табдил медиҳад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**



# СУХАНОНИ БЕҒАРАЗ

## Роҳи бузурги ӯзбек

### Муқаддима

**Нависандагону шоирони ҳақиқӣ ҳақиқатнигориро дӯст медоранд. Беадолатие, ки дар ягон гӯшаи дунё рух медиҳад, барояшон тавре менамояд, ки гӯё дар хонаи онҳо иттифоқ афтода бошад. Барқарор гардидани адолат ё пирӯзии он дар ҷое рӯҳи онҳоро болида месозад. Аз комёбии инсонҳои некдил шод мешаванд ва мушкилоти мардум ба дарди худи онҳо табдил меёбад.**

**Усмон АЗИМ,**
**Шоири халқии Ӯзбекистон**




Онҳо меҳандӯстанд. Дастикам дар Ӯзбекистон ҳамин гунаанд. Шукуфоии Ватан ва дигаргуниҳои мусбатро ҳамчун қадаме ба сӯйи беҳ шудани зиндагии ҳар шаҳрванди кишвар амиқ эҳсос мекунанд ва рӯҳбаланд мешаванд. Шукри Худо, ки ин дигаргуниҳо ҳар соат ва ҳар рӯз рӯй медиҳанд. Тамоми кишвар дар ҳаракат аст. Муҳимтар аз ҳама, ин ислоҳотҳо на ба шакли содаву сатҳӣ, балки бар асоси пешрафтатарин технологияҳои ҷаҳон пиёда мегарданд. Ба туфайли фароҳам омадани шароити мусоид, сармоягузориҳо бемамониат ворид мегарданд. Суръати рушд тамоми кишварро фаро гирифтааст.

Аҳли қалам аз ин ва бисёр дастовардҳои дигар огоҳанд. Саъю кӯшишҳоро барои бартараф сохтани мушкилот ҳамеша эҳсос мекунанд.

Ба наздикӣ бо гурӯҳе аз эҷодкорон дар як кишвари дӯсту ҳамсоя сафар доштем. Шабе худ аз худ маҳфили бадеҳа барпо шуд ва суҳбат ҷӯшид. Аввал кишвари мизбонро бо Ӯзбекистон муқоиса кардем. Ҳамагӣ ба як хулоса расидем: «Мо пеш рафтаем!» Дар бораи Ӯзбекистони кунунӣ сухан гуфтем. Инҷониб гуфтам, ки ҳафтоду шаш сол умр дидаам, аммо халқамон ҳеч гоҳ чунин осудаву фаровон зиндагӣ накарда буд. Ҳозирон низ ин суханамро якдилона тасдиқ карданд. Бале, ҳамин тавр! Мо ҳеч гоҳ чунин зиндагӣ накарда будем!

Ин эътирофҳое, ки дилҳоро аз ифтихор лабрез карданд, кай дили моро саршор намуданд?

Охир, ин дастовардҳоеро, ки мо эътироф мекунем, худ аз худ пайдо нашудаанд-ку!

Дар паси онҳо меҳнату заҳмат ва ҳаракати шабонарӯзии кӣ нуҳуфта аст?

Ба ободкориҳое, ки дар тамоми гӯшаҳои кишвар доман густурдаанд, кӣ ғайрату шиддат мебахшад?

Ҷавоби ҳамаи ин саволҳо яктост: дар паси ин пирӯзиҳои бузург фидокории як инсон, бале, як инсон – Президенти Ӯзбекистон Шавкат Миромонович Мирзиёев меистад.

На кам, на зиёд – фидокории бемисли марди азиме, ки мехоҳад Ӯзбекистони Навро бунёд кунад!

Ман дар бораи ин инсон бисёр андешидам. Ниҳоят ба қароре омадам, ки агар дар бораи ӯ нанависам, аз рӯйи адолат нахоҳад шуд.

На, нияти хушомад гуфтан надорам. Синнам ба ҷое расида, ҷоизаву унвонҳоро бетамаллуқ гирифтаам. Барои чӣ хушомад кунам?

### 1

Вақте ислоҳот оғоз ёфт, кишвар дар чӣ ҳоле қарор дошт?

Мардум чӣ гуна зиндагӣ мекард?

Мехостам як андак аз саргузашти худам нақл кунам.

Ман дар бинои бисёрошёна зиндагӣ мекунам. Хонаи мо зимистонҳо рӯйи гармиро намедид. Боре яке аз фарзандонам гуфт: «Мо дар ҳамин хона як умр аз сармо ларзида бузург шудем».

Ба нафақа баромадам. Гуфтанд: «Агар кор кунӣ, нисфи нафақаат дода мешавад». Ғайриихтиёр розӣ шудем... «Он чӣ, ки ба сари ҳама ояд – тӯй», гуфтаанд.

Моҳона ночиз. Бо ними нафақа чархи зиндагиро базӯр ғелондем.

Мушкилоти вобаста ба корти пластикиро нагӯям ҳам мешавад. Ба мағоза меравӣ. Нархи моли лозимиро мепурсӣ. «Агар нақд гиред – ҳаштод сӯм, бо корт пардозед – сад...»

Дар маркази бозори Деҳнав «нуқтаи табдили маблағи корти пластикӣ ба нақд» кушоданд. Ба ҳамон шарти булаҷаб: агар сад сӯм бигирӣ, ҳаштод сӯм ба дастат медиҳанд. Даҳшатангезтаринаш ин буд, ки ҳамин «нуқта»-ро кормандони идораҳое ба даст гирифта буданд, ки бояд пеши чунин ҳолатҳоро мегирифтанд. Намедонӣ додатро ба кӣ бигӯӣ...

Ин қаллобиҳо дар пеши чашми мардум рух медоданд. Ҳеч кас ҷуръати садо баланд кардан надошт. Тарс. Тарсе, ки бенавоӣ ва ноумедиро ба вуҷуд оварда буд – тарсе аз фикр кардан ба фардо. Ин тарс ҳамеша мисли бори сангине рӯйи шонаҳо фишор меовард.

Қарз гирифтам. Ба касоне, ки бо доллар қарз додаанд, бояд бо доллар баргардонӣ. Ба назди кассаҳои бонк ҳам рафта наметавонӣ. Бонкҳо долларро ба фурӯш бароварда, худашон мехаранд. Одамҳои гузоштаашон – занҳои ҷанҷолӣ...

Вақте вориди бозор мешудӣ, дар ҳар қадам гурӯҳҳои «долларфурӯш»-ро медидӣ. Аҷабо, нархи доллар ду баробар аз қурби расмӣ баланд буд.

Як соҳибкори сурхондарёӣ, ки ғалла парвариш мекард, назди ман омад ва гуфт, ки ғалларо супурдааст, аммо ҳаққашро хӯрдаанд. Ман ба як-ду амалдор гуфтам. Натиҷае набахшид. Он соҳибкор аз ин хорӣ ва алам фавтид...

Тағйироте, ки дар баъзе ҷойҳо рух медод, то ба дасторхони мардум намерасид. Теъдоди фиребгарони кишвар ба маротиб афзуда буд.

Созмонҳое, ки бояд бо чунин корҳо муборизa мебурданд, дар дохили давлат давлати худро сохтанд. Зӯроварӣ бар мардум ҷорӣ гардид.

Мисолан, дар Сурхондарё хадамоти амниятӣ як низоми ба истилоҳ фашистӣ (наметавон амалҳои онҳоро бо вожаи дигар ифода кард) барпо кард. Мардум ба андозаи пашша қадр надошт. Одамонро хор мекарданд, молу мулкашонро мегирифтанд, ба шиканҷаҳои бесобиқа дучор месохтанд, ҳатто мекуштанд. Шеваи шиканҷаҳои замони Сталинро ба кор мегирифтанд. Ҳатто онҳоро ба «зинҳо»-и баландтар бардоштанд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# ДАР ҲАМОИШИ ҒАЙРИРАСМИИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ ЯК ҚАТОР ТАШАББУСҲО ПЕШБАРӢ ГАРДИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар доираи ҳамоиши ғайрирасмии Созмони давлатҳои туркӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров мулоқот анҷом доданд.

Дар суҳбати самимӣ масъалаҳои муҳими таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегии ҳамаҷонибаи Ӯзбекистон – Қирғизистон баррасӣ гардид.

Бо мамнуният таъкид шуд, ки ҳаҷми савдои мутақобила босуръат афзуда, дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, хоҷагии об ва дигар самтҳои афзалиятнок лоиҳаҳои кооператсионӣ пешбарӣ мешаванд. Мубодилаи фарҳангиву гуманитарӣ низ густариш меёбад.

Масъалаҳои татбиқсозии тавофуқоте, ки дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, инчунин чораҳо ҷиҳати суръат бахшидани лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон» муҳокима шуд.

Ҳамчунин, роҳбарон оид ба ҷанбаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ табодули афкор намуда, нақшаи чорабиниҳои сатҳи олии минбаъдаро баррасӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти низ Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайиб Эрдӯғон низ суҳбат кард.

Дар оғози мулоқот таъкид гардид, ки сафари расмии роҳбари давлати мо ба Анқара моҳи январи соли равон муносибатҳои ӯзбекистониву туркиягиро ба дараҷаи нави шарикии фарогири стратегӣ, сатҳи баландтар бардошт.

Таъкид шуд, ки барои иҷрои муоҳидаҳои муҳиме, ки дар сатҳи олӣ ба имзо расиданд, идома ёфтани робита ва мубодилаҳои фаъол низоми нави ҳамкории тарафайни байни вазоратҳо ва идораҳо созмон ёфт, ки ба рушди самарабахши ҳамкориҳои бисёрҷанба мусоидат мекунад.

Аз оғози соли равон рушди муттасили ҳаҷми мубодилаи мол, миқдори корхонаҳои муштарак ва хатсайрҳои авиатсионии байни кишварҳо ба назар мерасанд. Маҷмуи комили лоиҳаҳо бо иштироки ширкатҳои Туркия ташаккул ёфтанд ва мустақимона татбиқ мегарданд.

Сарварони Ӯзбекистон ва Туркия ҳамчунин бинобар масъалаҳои рӯзмарраи байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев якҷо бо сарони ҳайатҳои кишварҳои иштирокдори Созмони давлатҳои туркӣ бо Маркази таърихиву фарҳангии шаҳри Туркистон шинос гардид.

Меҳмонони олиқадр яке аз ёдгориҳои бузурги меъмории исломии Осиёи Марказӣ ва рамзи асосии маънавияти Қазоқистон – мақбараи Хоҷа Аҳмади Яссавиро зиёрат карданд.

Мақбарае, ки дар охири асри XIV бо фармони Амир Темур бунёд шудааст, алҳол ба руйхати Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил мегардад ва аз ҷумлаи ёдгориҳои бағоят машҳури меъмории асримиёнагии исломӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Сохтмони он солҳои 1389-1391 оғоз гардида, то охири асри XIV идома ёфтааст. Дар бунёди маҷмуъ устоёни Осиёи Миёна, ҳамчунин ороишгарони ҳунарманди минтақаҳои дигар ширкат варзидаанд.

Роҳбарони давлатҳо ба хотираи шоири машҳури мутасаввуф ва мутафаккир эҳтиром гузоштанд.

Сарони ҳайатҳо ҳамчунин бо маркази сафарии осорхона – мамнуъгоҳи «Ҳазрати Султон» ошно шуданд. Дар ин ҷо барои қабули зиёраткунандагон, баргузор намудани намоишгоҳҳо ва пешниҳод кардани мероси ғановатманди таърихиву фарҳангии Туркистон шароитҳои замонавӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар марказ «Толори экспонатҳои нодир», ки ба сифати экспозитсияи доимии осорхонавӣ кушода шудаасту ба ҳифз кардан, омӯхтан ва оммавӣ намудани мероси нодири даврони асри миёна нигаронида шудааст, мавқеи махсус дорад.

Дар намоишгоҳ ёдгориҳои нодири таърихӣ, ки бо мақбараи Хоҷа Аҳмад Яссавӣ алоқаманданд, аз ҷумла артефактҳои аслии асрҳои XIV-XV, намунаҳои санъати ҳаккокӣ, кулолӣ ва меъморӣ ба намоиш гузошта шуданд. Дар байни онҳо дари аслии мақбара, пӯшиши болои тобути Амир Темур, ҳамчунин бозёфтҳои ҳафриётӣ ва сафолӣ ҳастанд, ки таърихи куҳани Туркистонро бозгӯ мекунанд.

Таъкид шуд, ки чунин ёдгориҳо ва лоиҳаҳои фарҳангӣ барои ҳифзи мероси маънавӣ, мустаҳкам кардани хотираи таърихӣ, ҳамчунин қаробати минбаъдаи халқҳои бародар, ки реша, дин ва анъанаҳои ягона доранд, дорои аҳамияти бузург аст.

Ҳамин рӯз сарвари давлатамон дар ҳамоиши ғайрирасмии Созмони давлатҳои туркӣ дар мавзӯи «Зеҳни сунъӣ ва рушди рақамӣ» иштирок кард.

Пеш аз оғози ҷаласа сарони давлатҳо дар маросими гузоштани капсула дар таҳкурсии Маркази тамаддуни туркӣ иштирок карданд.

Ин маҷмаае, ки бо ташаббуси Қазоқистон бунёд мешавад, барои намоиши решаҳои муштараки таърихӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва ягонагии тамаддунии халқҳои туркӣ равона гардидааст. Лоиҳа ба густариши ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангиву башардӯстона миёни кишварҳои ҷаҳони турк, таҳкими наздикии маънавӣ, тарғиби арзишҳо ва анъанаҳои муштарак нигаронда шудааст.

Сипас барои раҳбарон муаррифии роҳҳалҳои рақамии Қазоқистон, инчунин ташаббусҳои муштараки кишварҳои иштирокдори Созмони давлатҳои туркӣ дар соҳаи IT ва зеҳни сунъӣ баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиш, ки дар шаҳри Туркистон баргузор шуд, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайиб Эрдӯғон ва Дабири кулли СДТ Кубаничбек Омуралиев низ иштирок карданд.

Аз рӯйи масъалаҳои рӯзнома табодули афкор намуда, вазъи кунунии ҳамкориҳои бисёрҷониба ва самтҳои афзалиятноки шарикии амалӣ ҳамаҷониба баррасӣ шуданд.

Роҳбари давлатамон дар оғози суханронии худ ба Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев барои дар сатҳи баланд ташкил кардани ин ҳамоиши ғайрирасмӣ дар шаҳри Туркистон, ки маркази муҳими тиҷорат ва фарҳанги Роҳи бузурги абрешим ба шумор меравад, изҳори сипос намуд.

Инчунин, ба Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев барои раёсати самарабахш дар СДТ ва саъю кӯшишҳояш дар роҳи мустаҳкам кардани нуфузи байналмилалии ин созмон миннатдорӣ изҳор кард.

Таъкид гардид, ки ҳамгироии ҷаҳони туркӣ ба масъалаи стратегии дарозмуҳлате табдил меёбад, ки ба тақдири халқҳои бародар бевосита дахл дорад.

– Мулоқоти имрӯзаи мо ба даврае рост меояд, ки дар ҷаҳон зиддиятҳои гуногун торафт авҷ мегиранд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ косташавии боварӣ боз ҳам афзуда, нақш ва таъсири институтҳои глобалӣ торафт заиф мегардад. Ин мушкилот аз мо тақозо мекунанд, ки мулоқотҳои мутақобиларо фаъол гардонида, оид ба масъалаҳои муҳим мавқеи ҳамоҳангшударо омода намоем, – гуфт Президенти Ӯзбекистон.

Солҳои охир Созмони давлатҳои туркӣ ба созмони бонуфузе табдил ёфт, ки суръати рушди устувор нишон медиҳад. Аз ҷумла, соли 2025 иқтидори умумии иқтисодии давлатҳои мо аз 2,4 триллион доллар афзуд ва динамикаи он аз афзоиши глобалӣ ду баробар болотар шуд.

Танҳо дар соли гузашта гардиши тиҷоратии Ӯзбекистон бо мамлакатҳои СДТ 14 фоиз афзоиш ёфт. Соли ҷорӣ Бунёди сармоягузории туркӣ фаъолияти амалиётии худро оғоз намуд. Фаъолияти Шӯрои бонкҳои марказӣ ва Шӯрои туркӣ оид ба маблағгузории «сабз» низ роҳандозӣ шуданд.

Роҳбари давлатамон таъкид кард, ки дар пеш бобати ба муносибатҳои бисёрҷониба бахшидани хусусияти низомӣ вазифаҳои муҳим қарор доранд. Ғайр аз ин, ба мавзӯи зеҳни сунъӣ ва рушди рақамӣ бахшида шудани ҳамоиш низ беҳуда нест.

– Ниёи бузурги мо, ки дар кишварҳоямон умр ба сар бурда, эҷод кардаанд, аз ҷумла Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Мирзо Улуғбек дар рушди илмҳои алгоритм, математика, астрономия ва физика саҳми беназир гузошта, бо ҳамин барои рушди кунунии зеҳни сунъӣ замина офаридаанд. Мо бо такя ба чунин мероси бебаҳои аҷдодони худ, имрӯз давраи нави рушди рақамии Ҷаҳони туркиро асос мегузорем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президенти мо дар нутқи худ барои рушди ҳамкорӣ дар ин самт як қатор ташаббусҳои мушаххасро пешбарӣ кард.

Роҳбари Ӯзбекистон бо назардошти равандҳои ҷаҳонии технологӣ таъкид кард, ки дар доираи созмон ташаккули шабакаи ҳамкории стратегӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ зарур аст. Ин ташаббус тавассути технологияҳои ҳисоббарории квантӣ ва офаридани фазои ягонаи рақамӣ барои муайян кардани нуқтаҳои нави рушди иқтисодӣ хидмат хоҳад кард.

Инчунин, таҳияи «Консепсияи долони рақамии туркӣ», ки табодули маълумоти минтақавиро таъмин менамояд ва дар шаҳри Тошканд гузаронидани Форуми технологияҳои давлатҳои узви СДТ пешниҳод гардид.

Барои омӯзиши амиқ ва тарғиби мероси илмию маънавӣ, Маркази тамаддуни ислом, ки дар шаҳри Тошканд бунёд шудааст, ба як маскани бузурги илмию маърифатии минтақавӣ табдил меёбад. Чанде пеш дар ин маҷмаа дафтари кории ТУРКСОЙ кушода шуд.

– Агар ин марказ якҷо бо ТУРКСОЙ ва Академияи туркӣ манбаъҳои таърихию фарҳангии моро дар як платформаи ягонаи «маълумоти бузург» ҷамъ оварад, барои халқҳои мо ин як кори судманд мегардид, – гуфт роҳбари давлатамон.

Дар ҳамоиш пешниҳоди таҳти ҳамкорӣ амиқ омӯхтан ва васеъ тарғиб кардани ғояҳои таҳаммулпазирӣ ва маърифатпарварии тариқати Яссавия низ ба миён гузошта шуд.

Бо мақсади омода намудани насли ҷавон ба касбҳои муосир, барномаи «5 миллион пешвоёни зеҳни сунъӣ», ки аз ҷониби Ӯзбекистон амалӣ мешавад, баланд арзёбӣ мегардад. Президенти мо аз давлатҳои аъзо даъват кард, ки ба Фонди муштараки венчурӣ, ки аз ҷониби Ӯзбекистон ва Қазоқистон барои маблағгузории лоиҳаҳои стартапии ҷавонон таъсис дода мешавад, ҳамроҳ шаванд.

Бо мақсади содагардонии равандҳои боркашонӣ, пурра роҳандозӣ гардидани низоми иҷозатномаҳои электронии «E-Permit» байни давлатҳои аъзо бо мамнуният қайд гардид. Вазифаҳои амалӣ оид ба пайваст кардани долони миёна, ки дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, бо роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон», ки ҳоло сохта мешавад, инчунин, комилан рақамикунонии табодули маълумоти гумрукӣ муайян карда шуданд.

Бо мақсади ташкили ҳаракатҳои ҳамоҳангшуда бар зидди тағйирёбии иқлим, ташаббуси ҳамчун «Соли ҳифзи табиат» эълон намудани соли 2027 дар ҷаҳони туркӣ ба миён гузошта шуд.

Ҳамзамон, зарурати таъсиси низоми мониторинги хатарҳои иқлимии СДТ дар асоси маълумоти моҳворaӣ, инчунин татбиқсозии зеҳни сунъӣ дар раванди саривақтӣ муайян кардани хушксолӣ ва идоракунии захираҳои обии фаромарзӣ таъкид гардид.

Бо мақсади фароҳам овардани заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва технологӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва таҳдидҳои киберӣ, таъсис додани Алянси туркӣ оид ба амнияти киберӣ ва ҳифзи инфрасохтори рақамӣ пешниҳод карда шуд.

Тавре роҳбари Ӯзбекистон дар поёни суханронии худ таъкид кард, ҳамоҳангии иқтидори зеҳнӣ ва ваҳдат метавонад ҷаҳони туркиро ба макони рушди устувор ва роҳҳои ҳалли пешқадам табдил диҳад.

Дар анҷоми ҳамоиш Эъломияи Туркистон қабул карда шуд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Қазоқистон анҷом ёфт.

**ӮзА.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НИШАСТИ ҒАЙРИРАСМИИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Мӯҳтарам иштирокдорони нишаст!

Мулоқоти имрӯзаи мо дар давраи афзоиши танишҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон баргузор мегардад. Норасоии эътимод дар муносибатҳои байналмилалӣ меафзояд ва нақшу нуфузи ниҳодҳои ҷаҳонӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Ин мушкилот аз мо тақозо мекунанд, ки муколамаи мутақобиларо фаъол намуда, мавқеъҳои ҳамоҳангро оид ба масъалаҳои муҳим таҳия намоем.

Аз ин нуқтаи назар, ҳамгироии ҷаҳони турк масъалаи дарозмуддати стратегӣ буда, бевосита ба сарнавишти халқҳои мо таъсир мерасонад.

Дар солҳои охир Созмони давлатҳои туркӣ ба сохтори бонуфузе табдил ёфт, ки суръати устувори рушдро нишон медиҳад. Масалан, соли 2025 иқтидори умумии иқтисодии кишварҳои мо аз 2,4 триллион доллар гузашт ва суръати рушди он аз нишондиҳандаи ҷаҳонӣ ду баробар бештар буд. Танҳо дар соли гузашта гардиши молии Ӯзбекистон бо кишварҳои Созмон 14 фоиз афзоиш ёфт. Аз оғози соли ҷорӣ Фонди сармоягузории туркӣ фаъолияти амалиётии худро оғоз кард, инчунин Шӯрои бонкҳои марказӣ ва Шӯрои туркӣ оид ба маблағгузории сабз ба кор оғоз намуданд. Ҳамаи ин таҳкими ниҳодии Созмони моро равшан тасдиқ мекунад.

Дӯстони гиромӣ!

Дар назди мо вазифаҳои таъхирнопазири бахшидани хусусияти мунтазамӣ ба муносибатҳои бисёрҷанбаи мо қарор доранд.

Бесабаб нишасти имрӯз ба мавзӯи «Зеҳни сунъӣ ва рушди рақамӣ» бахшида нашудааст. Аҷдодони бузурги мо — Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Мирзо Улуғбек дар рушди алгоритмҳо, математика, астрономия ва физика саҳми бебаҳо гузошта, бо ин роҳ заминаи зеҳни сунъии муосирро фароҳам оварданд.

Бо такя ба ин мероси бебаҳо, имрӯз мо давраи нави рушди рақамии ҷаҳони туркро бунёд мекунем.

Дар ин робита мехоҳам як қатор ташаббусҳоро оид ба рушди ҳамкорӣ дар ин самт пешниҳод намоям.

**Якум**, ташкили шабакаи ҳамкории стратегии кишварҳои Созмони мо дар соҳаи зеҳни сунъӣ талаботи замон мебошад.

Бо шарофати чунин механизми муассир мо метавонем нуқтаҳои нави рушди иқтисодиро муайян намуда, технологияҳои абрӣ ва ҳисоббарории квантиро рушд диҳем, инчунин фазои ягонаи рақамии кушода ва муосирро ташаккул диҳем.

Дар солҳои охир Ӯзбекистон якҷо бо сармоягузорони хориҷӣ барои таъсиси марказҳои маълумотҳо 6 миллиард доллар сармоя ҷалб намуд.

Мо пешниҳод мекунем, ки консепсияи «Долони рақамии туркӣ» таҳия шавад, ки марказҳои минтақавии додаҳоро тавассути каналҳои баландсуръати алоқа ба ҳам мепайвандад. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳамкории амалӣ, мо ният дорем дар шаҳри Тошканд Форуми технологиро бо иштироки давлатҳои аъзои Созмон баргузор намоем.

**Дуюм**, ҳадафи умумии мо амиқтар гардондани ҳамкорӣ дар соҳаи илм, маориф ва кор бо ҷавонон мебошад.

Маркази тамаддуни исломӣ, ки дар шаҳри Тошканд барои омӯзиш ва тарғиби амиқи мероси муштараки илмӣ ва маънавии мо таъсис дода шудааст, ба маркази бузурги минтақавии илмӣ-маърифатӣ табдил меёбад. Мо ифтитоҳи дафтари ТУРКСОЙ-ро дар ин маҷмаа истиқбол мекунем.

Мо мувофиқи мақсад медонем, ки ба манфиати халқҳоямон талошҳои ин Марказ, ТУРКСОЙ ва Академияи туркӣ барои муттаҳид сохтани манбаъҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дар як платформаи ягонаи «додаҳои бузург» ҳамоҳанг карда шаванд.

Ҳамзамон пешниҳод мекунем, ки омӯзиши амиқи ғояҳои таҳаммулпазирӣ ва маърифатпарварии тариқати Яссавӣ ташкил гардида, баъдан ба таври васеъ паҳн карда шавад.

Тавре медонед, имсол ба шаҳри Хива мақоми «Пойтахти ҷавонони ҷаҳони турк» дода шуд. Ин қарор писарону духтарони моро рӯҳбаланд намуд. Дар доираи чорабиниҳои дахлдор мо омодаем Форуми роҳбарони ҷавон ва Фестивали байналмилалии ҷавононро баргузор намоем.

Бояд қайд кард, ки барои омода намудани кадрҳои рақобатпазир, ки ба талаботи замони босуръат тағйирёбанда ҷавобгӯ бошанд, мо барномаи «Панҷ миллион роҳбарони зеҳни сунъӣ»-ро амалӣ месозем. То имрӯз ба шарофати ин барнома зиёда аз 1 миллион ҷавон малакаҳои ибтидоиро аз худ кардаанд.

Бо мақсади маблағгузории стартапҳои ояндадор, коркардҳои инноватсионӣ ва қарорҳои гуногун дар асоси зеҳни сунъӣ, мо ҳамаи аъзои Созмони давлатҳои туркиро даъват менамоем, ки ба фонди муштараки венчурӣ, ки якҷо бо Қазоқистон таъсис медиҳем, ҳамроҳ шаванд.

**Сеюм**, барои беҳтар намудани ҳампайвастагии нақлиётӣ таъсис ва ҳамгироии платформаҳои рақамии логистикӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар ин робита мехоҳам бо қаноатмандии зиёд қайд намоям, ки низоми электронии иҷозатномаҳои «E-permit» пурра байни Ӯзбекистон ва ҳамаи давлатҳои аъзои Созмон ҷорӣ ва фаъол гардидааст.

Бо дарназардошти нақши стратегии Долони миёна, мо ба пайваст намудани он бо роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон», ки айни ҳол сохта мешавад, диққати махсус медиҳем.

Ҳамчунин зарур аст, ки татбиқи амалии Созишномаи оид ба ҷорӣ намудани долони содакардашудаи гумрукӣ имзошуда барои осон намудани расмиёти гумрукӣ ва транзитӣ дар марзҳо таъмин карда, мубодилаи додаҳо пурра рақамӣ гардонда шавад. Ин имкон медиҳад, ки интиқоли додаҳо дар тамоми занҷири логистикӣ таъмин шуда, пайгирии борҳо ва ҳамоҳангсозии равандҳо ба роҳ монда шавад.

**Чорум**, вазъи душвори экологӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, аз давлатҳои мо амалҳои ҳамоҳангшударо талаб мекунад.

Барои ҳалли муассири ин мушкилот лозим аст, ки дар назди Созмони давлатҳои туркӣ низоми мониторинги хавфҳои иқлимӣ дар асоси додаҳои моҳворавӣ таъсис дода шавад. Ин барои ошкорсозии барвақтии хушксолӣ, назорати доимии раванди таназзули хок ва обшавии пиряххо, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои обии фаромарзӣ зарур мебошад.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ оид ба омӯзиши муҳити зист ва тағйирёбии иқлим дар шаҳри Тошканд барои солҳои таҳсили 2026–2027 ба ҷавонони кишварҳои туркӣ 50 грант ҷудо намудааст. Мо ҷавононро худро даъват мекунем, ки аз ин имконият самаранок истифода баранд.

Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои экологӣ дар тамоми ҷаҳон меафзояд ва мо пешниҳод мекунем, ки соли 2027 дар доираи Созмони мо «Соли ҳифзи табиат» эълон карда шавад.

Аз фурсат истифода бурда, Шуморо ба иштироки фаъолона дар Ассамблеяи Фонди ҷаҳонии экологӣ ва Форуми ҷаҳонии сарфаи об, ки имсол дар шаҳри Самарқанд баргузор мешаванд, даъват менамоям.

**Боз як самти муҳими дигар.** Мо ба таҳкими ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои худ дар мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва ҷараёнҳои бегона даъват менамоем. Дар ин замина, густариши ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти киберӣ, омода намудани мутахассисони муосир ва мубодилаи фаврии иттилоот аҳамияти хос дорад. Зарур аст, ки фазои ягонаи амният ва эътимод дар ҷаҳони турк барои ошкор ва пешгирии таҳдидҳои нав таъсис дода шавад.

Ба ин муносибат ташаббуси таъсиси механизми умумӣ – Эътилофи туркӣ оид ба амнияти киберӣ ва ҳифзи инфрасохтори рақамиро пешниҳод менамоям. Илова бар ин, ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ риояи қатъии меъёрҳои ахлоқӣ бисёр муҳим аст.

Мувофиқи мақсад мебуд ба ин масъалаҳо дар мулоқоти муштараки вазирони корҳои хориҷӣ ва роҳбарони хадамоти махсуси давлатҳои аъзои Созмон, ки имсол дар Самарқанд баргузор мегардад, диққати махсус дода шавад.

Дӯстони азиз!

Аҷдоди бузурги мо Аҳмад Яссавӣ дар китоби худ «Девони ҳикмат» навишта буд:

**Ба туркигӯй дил бастем,**
**Ки дар ваҳдат бувад шодӣ.**

Имрӯз ин суханони ҳакимона маънии боз ҳам амиқтар пайдо мекунанд. Агар мо дар давраи нав тавонем иқтидори зеҳнӣ ва неруи созандаи кишварҳоямонро муттаҳид созем, ҷаҳони турк, бешубҳа, ба фазои қарорҳои пешрафта ва рушди устувор табдил хоҳад ёфт.

**Ҳадафи асосии мо – ба наслҳои оянда на танҳо таърихи бузург, балки мероси бебаҳои маънавиро низ ба ёдгор гузоштан аст, ки онҳо аз он барҳақ ифтихор хоҳанд кард.**

Бовар дорам, ки Эъломияи Туркистон, ки имрӯз қабул мегардад, риштаҳои бародарии халқҳои моро, ки забонҳо ва дилҳояшон таърихан бо ҳам зич пайвастанд, боз ҳам мустаҳкам намуда, қадами муҳиме дар роҳи расидан ба ҳадафҳои баланд, ки дар консепсияи «Нигоҳи ҷаҳони турк – 2040» муайян шудаанд, хоҳад гардид.

*15-май – Рӯзи ҷаҳонии оила*

# ОИЛА – ДАРГОҲИ МУҚАДДАС



***Дар ташаккул ва боло бурдани маънавияти ҳар як миллат нақш ва таъсири оила бениҳоят бузург аст.***
***Ҳар як инсон, новобаста аз миллат, забон ва дин, мехоҳад дар ин ҷаҳон хушбахту саодатманд зиндагӣ кунад. Барои расидан ба чунин орзуи олӣ оила нақши муҳим мебозад.***

Оила асоси ҷомеа ба ҳисоб меравад. Агар оила мустаҳкам бошад, ҷомеа ва давлат низ устувор ва пойдор хоҳанд буд. Пояи қалъаи оила ва риштаи мустаҳкаме, ки зану шавҳарро ба ҳам мепайвандад, никоҳ мебошад. Никоҳ дар ҷомеаи инсонӣ муқаддастарин аҳд ба шумор меравад. Зеро масъалаҳои муҳиме чун бунёди оила, риояи ҳуқуқу вазифаҳои зану шавҳар, идомаи насли инсон, тарбияи насли ҷавон ҳама – ба никоҳи шаръӣ вобастаанд. Аз ҳамин сабаб дини мубини ислом ба бунёди оила бар асоси никоҳ аҳамияти махсус медиҳад.

Паёмбар Муҳаммад (с) дар як ҳадис фармудаанд: «Никоҳ суннати ман аст. Ҳар кас аз суннати ман рӯй гардонад, аз ман нест».

Агар оила мустаҳкам, ором, ҳалол ва пок бошад, ҷомеа низ осоишта, обод ва пешрафта мегардад. Баръакс, агар дар оилаҳо парокандагӣ ва вайронкорӣ вуҷуд дошта бошад, ҷомеа низ рӯ ба таназзул меорад. Ҷомеаи хушбахт аз оилаҳои хушбахт ба вуҷуд меояд.

Барои оромии оила ва хушбахтии фарзандон муҳим аст, ки ҳам зан ва ҳам шавҳар вазифаҳои худро сидқан иҷро намоянд.

– Яке аз вазифаҳои асосии мард таъмини оила бо манзил, либос ва ғизо мебошад. Ӯ бояд кӯшиш кунад, ки аҳли хонаводааш муҳтоҷи дигарон нашавад, – мегӯяд дар яке аз суҳбатҳо модари серфарзанд апаи Фарида.

– Ҳамчунин яке аз вазифаҳои муҳими зан масъулият дар назди оила ва фарзандон аст. Ба дунё овардани фарзанд, тарбияи хуби онҳо, омӯзонидани ахлоқи ҳамида, раҳнамоӣ ба сӯйи илм, тарбияи фарзандони боимон, қаноатпеша ва дӯстдори Ватан аз вазифаҳои муҳими модар мебошад.

Зиндагӣ ҷараёни бисёр мураккаб аст ва дар он ҳолатҳои гуногун рӯй медиҳанд. Баъзан шодӣ ва баъзан ғам пеш меояд. Дар байни зану шавҳар низ баъзан нофаҳмиҳо ба вуҷуд меоянд. Шитобкорӣ, ғазабнокӣ, қаноатнопазирӣ, худписандӣ ва айбҷӯӣ муносибатҳои оилавиро заиф мегардонад.

Сабру қаноат ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам моддӣ барои зиндагии оилавӣ бисёр муҳим аст, ки ин аз омилҳои муҳими пойдории оила мебошад.

Фаридаапа дуруст мегӯяд. Аз замонҳои қадим оила маъвои муқаддас шуморида мешуд. Агар оила солим ва мустаҳкам бошад, дар маҳалла ва ҷомеа сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо мегардад.

Агар ба таърихи халқамон назар кунем, мебинем, ки беҳтарин фазилатҳои инсонӣ, аз қабили ҳалолкорӣ, ростгӯӣ, номус, ҳаё, меҳрубонӣ ва меҳнатдӯстӣ пеш аз ҳама дар оила ташаккул меёбанд.

Ба муносибати Рӯзи байналмилалии оила, Шӯрои рӯзноманигорзанони назди Иттиҳоди рӯзноманигорони Ӯзбекистон чорабиниеро таҳти мавзӯи «Масъалаҳои мубрами инъикоси мавзӯи оила дар ВАО» баргузор намуд.

Дар рафти чорабинӣ дар бораи масъалаҳои инъикоси мавзӯи оила дар ВАО, арзишҳои миллӣ, нақши муҳити оила дар рушди ҷомеа, масъулияти занон дар оила ва саҳми бебаҳои онҳо дар тарбияи фарзандон мубодилаи афкор сурат гирифт.

– Фарзандонамонро дар муҳити меҳру эҳтиром ҳамчун фарзанди шоистаи миллат ва шаҳрванди содиқи Ватан бояд тарбия намоем. Мақоли халқӣ беҳуда гуфта нашудааст: «Парранда он чиро мекунад, ки дар лона дидааст».

Агар зану шавҳар вазифаҳои худро дуруст иҷро намуда, оилаи намунавӣ ва аҳл бунёд кунанд, зиндагии хушбахтона ва саодатманд хоҳанд дошт.

Вазифаи мо – журналистон аз он иборат аст, ки дар саҳифаҳои ВАО доир ба мустаҳкамии оила, муқаддасии он, тарбияи фарзанд, эҳтироми калонсолон ҳар чӣ бештару беҳтар мавод омода созем, – гуфт сармуҳаррири рӯзномаи «Тонг юлдузи» Фирӯза Одилова.

Ҳамчунин, қайд карда шуд, ки дар давраи имрӯзаи ҷаҳонишавӣ нақши муҳими намояндагони ВАО дар таблиғи арзишҳои оилавӣ, роҳнамоии ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва тақвияти фазои муҳаббат ва эҳтироми мутақобила дар ҷомеа муҳим аст.

Таваҷҷуҳи махсус ба масъулияти рӯзноманигорон дар ин самт, инчунин масъалаҳои инъикоси дуруст ва муассири мавзӯъҳои оила дар ВАО равона карда шуд.

Дар доираи чорабинӣ, ба оилаи муҳаррири калони шабакаи телевизионии «Фарҳанг ва маърифат»-и Ширкати миллии телевизион ва радио Нозима Воҳидова нишони сарисинагии «Оилаи ибратнок» ботантана супурда шуд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# СУХАНОНИ БЕҒАРАЗ




(Аввалаш дар саҳ.1).

– Нохунҳоямро канданд, – бо алам ба ёд меорад яке аз бегуноҳоне, ки ба дасти онҳо афтода буд. – Агар ҳамаашро баякбор мекананд, шояд осонтар буд. Ҳар рӯз як нохунамро мекананд...

Ҳатто ба ҳокимон фишор меоварданд. Дар ин диёр онҳо ҳам аз кор безор шуданд. Ноилоҷ, «бино ба хоҳиши худ» аризаи аз кор рафтан навиштанд.

Аз истиқлол дили мардум монд.

Баъзе шиносҳо ба ман ҳам таъна заданд: «Инак, истиқлоле, ки шумо орзу мекардед...»

Ростӣ, ман ҳам бадбахт зиндагӣ кардам. На фақат навиштаҳоямро, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп мешуданд, нашр намекарданд, балки ному насабамро ҳам аз саҳифаҳо пок мекарданд. Ман чӣ гуноҳ доштам? Танҳо дар як барнома гуфта будам, ки: «Баъзеҳо бо роҳҳои ҳарому ноҷо пул ҷамъ мекунанд. Ҳамин, ки вақташ расид, пулро бардошта, ба хориҷ мераванд». Ба сабаби он барнома чанд корманди телевизион сазоямро гирифт, чанде аз кор рафт...

Бояд эътироф кард, ки дар солҳои аввали истиқлол барои бунёди як давлати нав, раҳоӣ аз ночорӣ то ҷое сахтгирӣ ҳам зарур буд. Вале ҳар қадр кишвар рӯ ба рушд меовард, ба он андоза бояд ин сахтгирӣ ҷойи худро ба қоидаҳое медод, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои адолатанд. Аммо чунин нашуд. Чаро? Зеро худи шахси дар боло нишаста низ асири дасти найрангбозон гардида буд. Аз воқеаҳое, ки дар маҳалҳо, ҳатто дар дохили хонадони ӯ рух медоданд, бехабар мемонд. Рӯйи ҳамаи беадолатиҳо парда кашида буданд.

Он чи, ки дар боло навиштам, ҳеч кас рад карда наметавонад. Барои нишон додани онҳо солҳо китоб навиштан мумкин буд. Ман фақат қисме аз ҳодисаҳои машъумеро, ки аз сарам гузаштаанд ва дар зодгоҳам – Сурхондарё рух доданд, ба ёд меорам.

Роҳи ҳаллу фасли мушкилотро, ки то ҳадди авҷ расидааст, ҳеч кас пайдо карда наметавонист.

Аммо Парвардигор доност. Ӯ дақиқ донист, ки барои ба сӯйи рушд бурдани кишвар чӣ бояд кард.

Шавкат Миромонович Мирзиёев Президенти кишвар интихоб шуд ва... ғайричашмдошт ҳодисаҳое рӯй доданд, ки муъҷизаро мемонданд.

Он чӣ гуфтам – ҳамаи он бадбахтиҳо як-як роҳи ҳалли худро ёфтанд. Кортҳои пластикӣ , ба таври бояду шояд, ба кор шурӯъ карданд. Нафақаҳо пурра пардохта мешуданд. Бонкҳо шеваи корро тағйир доданд: чӣ мехоҳед – сӯм, доллар? Марҳамат... Он ҳаюлоҳое ҳам, ки дар Сурхондарё ба сурати инсон буданд, ҷазои худро гирифтанд. Вале барои ҳал кардани ин масъалаҳо чӣ қадар сабот ва ҷасорат лозим буд, инро танҳо худи Шавкат Миромонович медонад. Охир, ғайр аз ҳодисаҳое, ки ман ба қалам додам, боз бори чӣ қадар ташвишҳо бар дӯши ӯ буданд.

Тасаввур мекунам, ки барҳам додани шайкаи зараррасонҳое, ки мардуми Сурхонро хору зор карданд, чӣ қадар душвор буд. Охир, онҳо аз осмон наафтода буданд, ин гумроҳонро дар Тошканд ҳомиёни воломақому қавипушт ва ноодамшинос пуштибонӣ мекарданд. Ин гурӯҳи ҷинояткори хеле бузург ва ба ҳамдигар вобаста аз гунаи бедавоҳо таркиб ёфта буданд, ки мафҳуми «манфиати халқ»-ро ҳатто дар хоб намедиданд ва қадри умри одамон барояшон аз қадри хас арзонтар буд. Аввал сари ҳамин тӯдаро шикастанд. Ин кор осон набуд. Агар шахси сустирода мебуд, метавонист бо онҳо созиш кунад. Аммо Шавкат Миромонович ин корро ба худ раво надид. Зеро дар миён Ватан ва тақдири халқ қарор дошт. Ӯ ҳамеша эҳсос мекард, ки ояндаи Ватанро на бо чашмпӯшӣ аз чунин тӯдаҳои носолим, балки бо нияти поку амалҳои нек бояд сохт.

Ин инсон хеле амиқ мефаҳмад, ки Ватанро одамони ҳалол бояд бисозанд.

Ин мардуми олуда ба иллати қатл аз асорат озод шуданд. Аввал решаи «боло» канда шуд, баъд решаи табақаи поён низ аз бех баровarda шуд. Ин суханон ба гуфтан осонанд...

Дар таърихи кишвар ин воқеаҳо шояд ба нафаре як эпизоди хеле хурд намоянд, вале тасаввур кунед, ки барои озод кардани Ватан аз шайкаҳои зишт, ки болои сари халқ нишаста буданд, раҳбари мо чӣ қадар матонат ва қатъият нишон дод.

Дар ёд дорам: вақте ин воқеаҳо ба анҷом расиданд, Президенти мо ба Сурхон сафар карда, ба мардум муроҷиат намуд: «Мардуми Сурхондарё, акнун озодед!»

Ҳақиқатан ҳам, Сурхондарё нафаси озод кашид.

Ман фақат он чиро, ки дар бораи Сурхон хуб медонам, менависам. Дар Ӯзбекистон бошад, чордаҳ воҳиди маъмурию ҳудудӣ ҳаст. Барои ба қалам додани талошҳои мардонаворонаи Президенти мо дар роҳи ҳалли мушкилоти минтақаҳо ин мақола хеле кӯчак менамояд.

## 2

Одамон ба некӣ зуд одат мекунанд. Як-ду бор «Хуб шуд-е!» гуфта хушҳол мешаванду баъд гӯё ҳамеша чунин будааст, гузашта мераванд. Ба фикрам, ҳаминаш ҳам беҳтар аст! Одамон ба зиндагии одамвор одат карда истодаанд! Ба он ки зиндагии шоиста муъҷиза нест, балки воқеияти ҳаррӯзаест, ки мо рӯ ба рӯ мешавем, тадриҷан одат карда истодаем...

Аммо ман аз он ки раванди рушд ин қадар шиддат пайдо кардааст, боз ҳам шод мешавам.

Тирмиз, ки макони авлиёву олимон аст, аз вақте, ки ман дар ёд дорам, як шаҳраки ҳарбии камнур, пур аз чангу ғубор ва дур аз сояю салқин буд. Вориди он гардидан мушкилоти зиёде дар пай дошт: постгоҳҳои ҳарбӣ гузошта шуда буданд, шиносномаи ҳар як мусофирро дақиқ месанҷиданд. Агар дар қайди Сурхондарё намебудед, намегузаронданд!

Пас аз истиқлол, чунон ки медонед, ин гуна санҷишҳо ба маротиб афзуданд. Дар байни ҳар вилоят монеаҳои сунъӣ – постҳо гузоштанд. Ин ҳол ба ҳаракати озодонаи мардум дар саросари кишвар халал эҷод мекард. Агар шиносномаро фаромӯш карда бошед, роҳи ягонаи гузаштан аз ин постҳо порадиҳии рустӣ ба посбонон буд... Чораи дигар надоштед. Ба фикрам, ин постҳо маҳз барои ба вуҷуд овардани чунин вазъият амал мекарданд...

Дар Сурхондарё ин ҳолат то ҷое мураккаб буд, ки мусофирро ба таҳлука меандохт. Ҳангоми ворид шудан ба вилоят, дар постгоҳи Дарбанд, мисли он ки ба хориҷ меравӣ, ҷомадону борхалтаатонро дақиқ тафтиш менамуданд, сипас ба лента гузошта, бо дастгоҳҳои лазерӣ аз назар мегузарониданд.

Хулоса, агар пора намедодед, халос шудан номумкин буд. Ҳангоми даромадан ба Тирмиз ва Сариосиё низ одам ба ҳамин ҳол рӯ ба рӯ мешуд.

Ҳамаи ин монеаҳо бо як азму қарори Шавкат Миромонович аз байн бардошта шуданд...

Тирмизи пур аз чангу ғубор намои дигар гирифт.

Ҳоло дар ду тарафи кӯчаҳои ин шаҳр дарахтони зебо соя афкандаанд. Ҳар сӯ, ки нигоҳ мекунӣ – сабзазор. Гулҳо бо завқи аҷиб шинонда шудаанд. Ба наздикӣ аз меҳмонхона савори мошин баромада, аз миёни ҳамин манзараи зебо, ки ваҷабе фосила надошт, то фурудгоҳ рафтам. Шаҳракҳои истироҳатии хориҷиро мемонад. Биноҳои нави зебову бароҳат низ ба шукӯҳи шаҳр афзудаанд. Яке аз омӯзгорон ба ман гуфт: «Мардум ба манзили зист ниёз надоранд, дигар дар як хона ду-се оила танг зиндагӣ намекунанд». Инро на мансабдор, балки омӯзгор мегуфт...

Тирмиз рушд мекунад. Биноҳои баланд қомат меафрозанд. Ҳатто ба назар мерасад: барои он ки шаҳр озодона нафас кашида, бидуни тангӣ вусъат пайдо кунад, заминҳои иловагӣ лозиманд. Шавкат Миромонович ин масъаларо низ ҳал кард – ба шаҳр заминҳои иловагӣ ҷудо шуданд.

То дар хонанда тасаввур пайдо нашавад, ки гӯё дар Сурхондарё танҳо Тирмиз рӯ ба ободӣ ниҳодааст, бояд бигӯям: ҳамаи ноҳияҳои вилоят симои дигар гирифтаанд. Тақрибан панҷ-шаш сол пеш бо гурӯҳе аз ҳунармандон ба ноҳияҳои шимолии Сурхон мерафтем. Дар роҳ хотирам як андак парешон шуд. Вақте ба худ омадам, дидам аз назди шаҳри ношиносе мегузарем. Хонаҳои бисёрошёна, роҳравҳои ороста, дарахтон, майдончаҳои бозии кӯдакон аз пеши назар мегузаштанд. Ба куҷо омадаем? Ман ҳар ваҷаби Сурхондарёро мешиносам. Магар хоб мебинам? Каме роҳ рафта фаҳмидам, ки ин Деҳнав аст. Бале, ҳамон Деҳнаве, ки аз сар то пояшро қадам задаам! Эй Худо! Ин муъҷиза – шаҳр андар шаҳр кай ва чӣ гуна бунёд шуд? Ин қадар зуд? Он вақт дарк кардам, ки ин муъҷиза ба шарофати ғайрати Президентамон сохта шудааст! Сипас тасаввур кардам: дар кишвар чандин ноҳия, чандин шаҳр, ҳатто чандин маҳалла ҳаст... Эҳтимол дар ҳамаи онҳо ободкорӣ идома дорад! Ва воқеан идома дорад!

Чӣ неруе ободкории саросариро дар кишвар ба таҳрик даровардааст? Ҷавоби ин савол равшан: Шавкат Миромонович Мирзиёев!

> ***ИМРӮЗ ҲАМА МЕБИНАНД, КИ МЕЪМОРИ АСОСИИ ИН ИТТИҲОД, ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА МЕҲРУ МУҲАББАТ МИЁНИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ШАВКАТ МИРОМОНОВИЧ АСТ. ҲАТТО ХОРИҶИЁН НИЗ БА ӮЗБЕКИСТОН ЧУН БА НЕРУЕ МЕНИГАРАНД, КИ МИНТАҚАРО БА СӮЙИ РУШД МЕБАРАД.***

## 3

Инҷониб дар маҷлисҳо кам иштирок мекунам. Аз ҷамъомадҳое, ки танҳо ба хотири маҷлис баргузор мекунанд, худро канор мегирам.

Аммо дар рӯзҳои охир дар ду маҷлис иштирок карда, нафаҳмидам вақт чӣ гуна гузашт. Бо шавқ нишастам. Ҳамчун як ӯзбекистонии ватандӯст, лабрез аз ифтихору шодӣ шудам. Сухан дар бораи фардои Сурхондарё – як пораи Ватани мо мерафт. Президенти мо доир ба нақшаҳое сухан гуфт, ки то соли 2030 бояд дар вилоят амалӣ гарданд.

Дар маҷлис сухан танҳо аз нақшаҳо набуд, балки ошкор гардид, ки барои иҷрои онҳо омодагии дақиқу густарда дида шудааст. Мисолан, бад-ин тарз: лоиҳаи нақша омода аст, маблағ вуҷуд дорад (раиси бонк тасдиқ мекунад ё гуфта мешавад, ки бо кадом сармоягузори ҷаҳонӣ созиш шудааст), созмоне ҳам, ки бояд нақшаро иҷро кунад, дар ҳолати омодабош аст. Ҳатто санаи оғози кор пешакӣ муайян шудааст. Масъулон бори дигар дар назди аҳли маҷлис ҳисобот доданд. Ҳамчунин равшан гуфта шуд, ки ҳар як лоиҳа чанд ҷойи корӣ эҷод мекунад. Садҳо, ҳазорҳо...

Ҳангоме ки сухан дар бораи ҳар як нақша мерафт, ҳамин тартиб риоя мешуд. Ягон кор ҳамчун орзу баён нагардид. Баръакс, ҳама чиз бо эътимоди қатъӣ гуфта мешуд.

Вақте ки нӯги баъзе аз ин нақшаҳо ба хориҷи кишвар мерасид, сафирони мо, ки тариқи онлайн дар маҷлис иштирок доштанд, хабар медоданд, ки шарикони хориҷӣ омодаанд ва ҳамин ки аз Ӯзбекистон ишора шавад, фавран парвоз мекунанд. Ин шарикон ҳам аз кишварҳои одӣ нестанд – шурӯъ мешавад аз Чин то Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ!

Шавкат Миромонович ҳеч чизро фаромӯш намекард. Ман равшан ҳис кардам, ки Президенти мо бо як ҳисси амиқи ботинӣ медонад, ки имрӯз чӣ бояд кард ва фардо чӣ бояд амалӣ гардад.

Ҳамчунин шоҳиди он гардидам, ки ӯ барои ҳалли мушкилоти хурду бузург бо як ҳисси масъулият муносибат мекунад ва баъзан шоҳиди бадеҳаҳояш низ гардидаам.

Пеш аз маҷлис бо паҳлавони бойсунӣ – аввалин қаҳрамони ҷаҳон дар гӯштин Тоштемир Полвон Муҳаммадиев доир ба интернате, ки барои ҷавонони гӯштингир кушода шудааст, суҳбат карда будем. Дар охири маҷлис Президентамон ба ҳамон паҳлавон муроҷиат кард:

– Магарам интернати ту мактаб надорад.

– Надорад – гуфт паҳлавон.

– Бачаҳо ба куҷо барои хондан мераванд?

– Ба мактабҳои деҳоти атроф.

Шавкат Миромонович бо нигоҳаш аз толор шахси масъулро пайдо кард.

– Пул дорӣ? – Бале, – гуфт ва аз ҷой бархост «одами масъул».

– Метавонӣ барои интернати ин паҳлавон мактаб бисозӣ?

«Одами масъул» бо ҷону дил розӣ шуд.

– То якуми сентябр барои қабули шогирдон омода гардад! – гуфт Президентамон.

Аз шавқ оҳиста бошад ҳам: «Бинед - а!» гуфта фиристодам. Охир, Шавкат Миромонович бори ташвиши қариб сию нӯҳ миллион аҳолиро бар дӯш дорад! Эҳ-э, дар кишвар чӣ қадар мактаб вуҷуд дорад! Бо вуҷуди ин, Президент имрӯз сари мушкили мактаб-интернати Тоштемир Полвон меандешад...

Дар маҷлис ба ман ҳам сухан доданд ва ман ин ҷамъомадро барои сурхондарёиҳо ид номидам. Зеро, ба фаҳмиши ман, ҳар хиште, ки барои қад афрохтани иморати бузурге номаш Ватан мебошад, гузошта мешавад, ид аст. Ва имрӯз чӣ қадар хиштҳо гузошта шуданд!

Камина рақамҳоеро, ки дар ин маҷлис гуфта шуданд ва нишон медоданд, ки нақшаҳои оянда чӣ қадар хазинаи кишварро ғанӣ ва хонадонҳои мардумро пурфайзу баракат хоҳанд кард, такрор намекунам. Заро онҳо дар матбуот ба қадри кофӣ инъикос ёфтаанд.

Аммо аз як хабари муборак наметавонам сарфи назар намоям.

Бисту шашуми апрел тасмим гирифтам, ки ба Бойсун бояд биравам.

Роҳи аз самти Тирмиз тӯлкашида, дар фосилаи 6-7 километр то манзил, ба ҳамон шоҳроҳи Дарбанд – Деҳнаве, ки дар маҷлиси боло ёд шуда буду чанд сол боз сохтмонаш идома дошт, мепайваст. Мо вориди шоҳроҳи оянда гардидем. Роҳи бетонии хеле маҳкам. Мошин бо суръат мерафт. Фақат дар ду ҷое, ки сохтмони пул ҳанӯз ба анҷом нарасида буд, маҷбур шудем аз канораш бигзарем. Дар дилам гуфтам: «Сохтмонаш баъд аз як-ду моҳ ба анҷом мерасад».

Баъд аз чор рӯз барои иштирок дар фестивали «Баҳори Бойсун» лозим омад, ки боз аз ҳамин роҳ бигзарем. Ин бор мошини мо аз рӯйи пулҳои нав бо суръат гузашт! Бале, аз рӯйи пулҳое, ки сохтмонашон ба анҷом расида буданд! Танҳо чор рӯз гузашта буд!.. Боз мавҷи шодӣ вуҷудамро фаро гирифт. Офарин! Ва боварам комил шуд, ки ҳамаи нақшаҳои дар маҷлиси Тирмиз ба миён гузошташуда саривақт пиёда мегарданд.

Президенти мо дар поёни маҷлис таъкид кард, ки бо чунин нақшаҳо ба ҳамаи вилоятҳо ва Қароқалпоқистон низ сафар анҷом дода мешавад. Боз як ҳаракати умумии босуръат дар роҳи обод кардани ояндаи кишвар! Нақшаҳое, ки як лаҳза ҳам суст намешаванд ва ба дасторхони мардум баракат меоранд. Асосгузори ин нақшаҳо – Шавкат Миромонович худ низ инсонест, ки як дам ором намегирад ва ҳамеша барои манфиати халқ месӯзаду месозад. Ба ниятҳои некаш фариштагон «омин» мегӯянд. Парвардагор дарҳои раҳматашро боз мекунад!

Инҷониб бовар дорам, ки дар ояндаи наздик кишвари мо дар сафи пешрафтатарин мамлакатҳо ҷой хоҳад гирифт. Агар касе ба ин бовар ҳамроҳ нашавад, бигзор ба рақамҳои Бонки ҷаҳонӣ дар бораи суръати рушди Ӯзбекистон муроҷиат кунад. Бонк барои соли 2026 рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвари моро 7,7 фоиз пешбинӣ кардааст. Ба гуфтаи мутахассисони хориҷӣ, пас аз даҳ-дувоздаҳ сол ҳаҷми маҳсулоти дохилии Ӯзбекистон аз як триллион доллар бештар хоҳад шуд! Триллион! Ин рақамҳо аз осмон гирифта нашудаанд, балки натиҷаи таҳлили дақиқи воқеиятанд! Чашми бад дур!

Бубахшед, ҳатто мутахассисони хориҷиро ҳам хиҷолатзада карда истодаем! Ҳозир хондам, ки суръати рушди мо аз пешбинии онҳо ҳам болотар будааст, – зиёда аз 8,7 фоиз!

## 4

Бузургтарин доноёни ҷаҳон дар ниҳоят ба як хулоса расидаанд: инсониятро арзишҳо нигоҳ медоранд. Алишери Навоӣ, ки худ низ дар муносибатҳои миёни мардуму давлатҳо иштирок карда ва фитнаву кашмакашҳои бисёреро аз сар гузаронда буд, чунин фармудааст:

*Олам аҳли, билингизким,*
*иш эмас душманлиғ,*
*Ёр ўлунг бир-бирингизгаки,*
*эрур ёрлиғ иш.*

Тарҷумааш:

*Нек донед, аҳли олам,*
*душманӣ даркор нест,*
*Якдигарро ёр гардед,*
*ин бувад кори накӯ.*

Ҳарчанд маънои ин байт барои ҳама равшан аст, боз ҳам шарҳ медиҳам: «Эй мардумони ҷаҳон, – мегӯяд шоир, – бидонед, ки душманӣ кори нек нест. Бо ҳам дӯст бошед, зеро ба инсон танҳо дӯстӣ зебанда аст».

Ба назари ман, Шавкат Миромонович ҳанӯз пеш аз он, ки ба мақоми президентӣ интихоб шавад, амиқ дарк карда буд, ки «душманӣ кори нек нест». Ӯ нохушиҳоеро, ки миёни кишварҳои ҳамхуну ҳамҷони Осиёи Марказӣ авҷ гирифта буданд, бо дарди дил мушоҳида мекард. Азбаски вазифаи Девони Вазирон, ки ӯ роҳбарӣ мекард, пеш бурдани корҳои иқтисодӣ буд, ӯ хуб эҳсос менамуд, ки муносибатҳои бади мо бо ҳамсоягон боиси суст шудани рушд мегардад. Муҳимтар аз ҳама, ӯ бо чашми худ медид, ки аз ин низоъҳо мардум азият мекашанд.

Албатта, ҳамин тавр буд! Аз ҳамин сабаб, вақте Шавкат Миромонович идораи кишварро ба даст гирифт, пеш аз ҳама риштаҳои бародариву хешутабориро бо ҳамсоягон барқарор кард. Чӣ қадар душвор ё осон гузаштани ин корро танҳо ин инсони хайрхоҳ медонад. Аммо натиҷа муборак шуд – имрӯз, вақте ба кишварҳои ҳамсоя меравем, мо низ ҳамчун шаҳрвандони Ӯзбекистон эҳтирому иззат мебинем.

Вилояти Сурхондарё бо се кишвар ҳамсарҳад аст. Дар замони Шӯравӣ, масалан, ҳатто ба ёд ҳам намеовардем, ки миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон сарҳаде вуҷуд дорад. Азбаски Тирмиз шаҳри баста буд, мо аввал ба Душанбе парвоз карда, баъдан ба Сурхон мегузаштем. Баъзеҳо ҳатто барои бозоргарӣ ба Душанбе мерафтанд... Аммо баъд аз истиқлол, пас аз муддате, ҳар кас хони худу беки худ шуд. Гузаштан аз сарҳад ба орзуи дастнорас табдил ёфт!

Як воқеаро аз он рӯзҳои пурдард, ки имрӯз ба моли таърих табдил ёфтааст, чанд рӯз қабл бароям нақл карданд. Гуфтаанд, ки пиразане аз Сариосиё ҳашт сол кӯшиш кардааст, то барои зиёрати қабри хоҳараш, ки дар Регар вафот карда буд, аз сарҳад бигзарад, аммо натавонистааст. Ҳол он ки масофаи байни Регару Сариосиё, агар бисёр ҳам бошад, роҳи нимсоата аст.

Вақте миёни ду кишвар муносибатҳои дӯстиву бародарӣ барқарор шуд, хешовандон баъд аз ин ҷудоии тӯлонӣ гиряву нола карда, боз ҳамдигарро диданд. Аз Душанбе мошинҳо бо суръат ба Сурхондарё меомаданд, дӯстони сариосиёӣ мегуфтанд: «Биёед, як Душанберо давр занем» ва ба роҳ мебаромаданд. Як қадам роҳ! Субҳ мераведу шом бармегардед!

Роҳҳои асосие, ки Тоҷикистонро бо дигар минтақаҳо ва ҳатто бо ҷаҳон мепайванданд, аз қаламрави кишвари мо мегузаранд! Акнун тасаввур кунед, мардуме, ки соҳиби чунин имкониятҳо гардиданд, чӣ қадар хушҳол буданд!

Аз ҳамин сабаб, вақте Шавкат Миромонович ба ин кишвари ҳамсоя сафар кард, Эмомалӣ Раҳмон аз саҳна истода, бо шӯхӣ як сухани бисёр зебо гуфт: «Инҳо, – гуфт ӯ ба намояндагони халқи тоҷик, ки толорро пур карда буданд, ишора карда, – шуморо аз ман ҳам бештар дӯст медоранд!». Ин аст эҳтиром! Ин аст бародарӣ!

Пас аз ин сафари Президентамон, мо – панҷ-шаш нафар нависанда ба Душанбе рафтем. Ҳадафамон ба муносибати вафоти Нависандаи халқии Тоҷикистон, дӯстамон, зодаи Бойсун – Саттор Турсун изҳори ҳамдардӣ кардан ба наздикони ӯ буд. Тобистон. Дар танамон либосҳои сабуки тобистона... Дар фурудгоҳ моро даҳ-понздаҳ нафар дӯстони тоҷикамон бо куртаҳои сафеду костюм ва шимҳои сиёҳ пешвоз гирифтанд. Рӯзи дигар, ғайричашмдошт, дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон конфронсе доир ба равобити адабиёти халқҳои бародар баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ низ ҳама бо ҳамон либосҳои расмӣ буданд. Дар берун бошад – тобистон... Барои бародарон, чунин тарзи пешвозу маҷлисоройӣ нишони иззату икром аст. Иззату икром ба ӯзбекҳо!

Барои бурдани мо аз Душанбе ба Сурхондарё дӯстон омаданд. Камина дар роҳ пурсидам, ки ронандаҳо бояд бо кадом суръат мошин ронанд ва агар милисаҳо боздоранд, муносибат ба онҳо чӣ гуна бошад? Охир рақами мошинҳоямон ӯзбекистонӣ-ку?! Ҷавоби дӯстони тоҷик маро ҳайрон кард:

– Бо ҳар гуна суръат хоҳед, ронед! Милисаҳо намедоранд! Президенти мо аз минбари баланд гуфтааст: «Ӯзбекҳо меҳмони мананд – ҳеч кас ба онҳо даст нарасонад!»

Ин суханҳо ғояти эҳтиром ба халқи ӯзбек буд.

Бозгашти иззату эҳтиром миёни ду халқ ва беш аз пеш таҳким ёфтани он ба ҷоннисорӣ, самимият, маҳорати дипломатӣ ва фазилатҳои инсонии Шавкат Миромонович иртибот дошт.

Ба наздикӣ барои таҷлили 75-солагии шоири маъруфи ӯзбек Шавкат Раҳмон бо гурӯҳе аз аҳли эҷод ба шаҳри Ӯш рафтем. Пештар ҳам ба Ӯш сафар карда будам. Бо ёди хархашаи сарҳадҳо дилам хиҷил мешуд. Аммо маълум шуд, ки ҷойи нигаронӣ нест. Ҳуҷҷатҳои шаҳрвандии Ӯзбекистонро нишон дода, аз сарҳад бароҳат гузаштем. Қирғизҳо низ ба кишвари мо ҳамин гуна бароҳат меоянд.

Мо шахсонеро мавриди ситоиш қарор додем, ки осоиштагӣ ва бовару дӯстии ҳақиқиро миёни ду халқ дубора барқарор кардаанд. Охир ба сари ин ду халқи ҳамсоя чи рӯзҳое наомада буд!

Шаби эҷодие, ки ба ҷашни Шавкат Раҳмон бахшида шуда буд, дар сатҳи баланд баргузор гардид. Дар маҷлис котиби генералии ҳукумати Қирғизистон, роҳбари созмони бонуфузи ТУРКСОЙ ва ҳокими шаҳри Ӯш иштирок карда, суханронӣ намуданд. Ба мактабе, ки Шавкат Раҳмон дар он таҳсил карда буд ва яке аз кӯчаҳои шаҳр номи шоир дода шуд.

Албатта, шоири бузург сазовори чунин эҳтиром аст. Шубҳае нест. Аммо мо ҳар лаҳза эҳсос мекардем, ки сабабгори ин эҳтиром низ Шавкат Миромонович аст.

Вақте ман ба Қазоқистон низ сафар кардам, бо чунин меҳру муҳаббати дӯстона рӯ ба рӯ шудам. На як, балки чандин ҷоиза гирифтам. Ҳатто як ҷоизаи адабии кишвари хориҷиро низ бо тавсияи дӯстони қазоқ ба ман супурданд. Агар муносибатҳои мо мисли пештара пур аз ғараз мебуд, магар чунин ҳодисаҳои нишотбахш рӯй медоданд?!

Имрӯз ҳама мебинанд, ки меъмори асосии ин иттиҳод, таҳаммулпазирӣ ва меҳру муҳаббат миёни халқҳои Осиёи Марказӣ Шавкат Миромонович аст. Ҳатто хориҷиён низ ба Ӯзбекистон чун ба нерӯе менигаранд, ки минтақаро ба сӯйи рушд мебарад.

Банда асосан дар бораи муносибат бо ҳамсоягони қадимии наздикамон навиштам. Аммо мехоҳам таъкид кунам, ки муносибатҳои мо бо дигар кишварҳо дар ҷаҳони мураккаби зудтағйирёбанда низ арзандаи зикранд. Мисолан, мо бо Афғонистон низ робитаҳои кофӣ барқарор кардаем. Охир орзуи ба укёнусҳо баромадан тавассути ин кишвар пиёда мегардад!.. Ҳоло дар ҳамон ҷое, ки аз пули рӯди Ому гузашта, ба хоки ӯзбек қадам мегузоранд, «Минтақаи савдои марзии Ӯзбекистон – Афғонистон» бунёд шудааст. Қатор-қатор дӯконҳо, меҳмонхонаҳо, ошхонаҳо... Савдо дар авҷ аст. Минтақа лабрез аз мардум шудааст. Президентамон, ҳамчунин, супориш дод, ки барои ин минтақа замини иловагӣ ҷудо шавад.

Албатта, ҳамсоягони мо низ дар ҳаққи роҳбари Ӯзбекистон суханони гарм гуфтаанду мегӯянд...

Дар ҷаҳон соҳиби обрӯйи ҳақиқӣ гардидан кори осон нест. Ба чунин мартаба танҳо сиёсатмадорони боистеъдод, заҳматписанд, бофаросат, эҳтиромкунандаи манфиати дигарон ва дӯстдори ҷонии кишвари худ мерасанд.

Яке аз ҳамин гуна соҳибобрӯён Президенти мо Шавкат Миромонович мебошад! Бале, Президенти мо!

## 5

Ҷараёни дигаргуниҳо дар кишварамон назаррас аст. Ҳамаи онҳоеро, ки мегӯянд: «Ман ӯзбек ҳастам!», шод мегардонанд.

Масалан, танҳо дар чанд моҳи охир ҳодисаҳои зиёде рӯй доданд, ки то ҳол дар ҳайратам мегузоранд.

Агар ду-се сол пеш касе мегуфт: «Аз ҳамин пахтае, ки дилгазон шудаем, ҳаштод-навад сентнерӣ ҳосил мегиранд», ман механдидам ва мегуфтам: «Э, моне!» Аммо айнан ҳамин тавр шуд! Боз дар куҷо гӯед? Дар Сирдарё! Ман дар даврai донишҷӯӣ дар ҳамин вилоят пахта чида будам. Агар аз як гектар бист сентнер ҳосил мегирифтанд, аз шодӣ тоқии худро ба осмон мепартофтанд! Ҳоло бошад... Одам бовар намекунад. Ҳатто худи деҳқононро дидаам, ки ба пахтазори ғӯзаҳояш сартосар шукуфта, бо ҳайрат менигаристанд. Оё тухмиро аз хориҷи кишвар оварда буданд? Бале, оварда буданд. Аммо худи мо ҳам бекор нанишастаем. Навъи пахтаи «Порлоқ»-и мо аз навъҳои хориҷӣ беҳтар набошад ҳам, камӣ надорад!

Агар бо як ҷумла ифода намоем, дар бахши пахтакорӣ инқилоб рӯй дод!

Боз як воқеаи ҳайратангез.

Дар Олмалиқ фабрикаи сеюми ғанигардонии мис ба кор шурӯъ кард. Сохтмон ва ба истифода додани чунин фабрикаҳо дар сартосари ҷаҳон даҳ сол тӯл мекашадаст. Аммо дар мо ин кор дар чор сол (бале, дар чор сол!) анҷом ёфт. Ба ин муҳлат ҳатто мутахассисони саршиноси худӣ ва ҳамкори амрикоӣ низ чандон бовар надоштаанд. Ҳоло ҳамон амрикоӣ тамоми ҷаҳонро ба омӯхтани таҷриибаи бо суръати Ӯзбекистон даъват мекунад.

Боз як мӯъҷиза. На танҳо ман, балки чандин насли ӯзбек аз он ифтихор хоҳанд кард, ки он бунёди Маркази тамаддуни исломист. Ин Марказ қасри бо завқи аҷиб сохташударо мемонад. Дар деворҳояш нақшу нигори дастӣ, экспонатҳои нодире, ки аз саросари ҷаҳон ҷамъ оварда шудаанд. Бояд ёдрас намуд, ки он нигораҳоро аз кишвари мо (Қуръони усмонӣ, дастхатҳои қадимӣ...) бурда буданд... Ва барои намоиши онҳо аз муосиртарин технологияҳо истифода мешавад.

Шарҳи Шавкат Миромонович дар бораи сохтмони Марказ басе ҷолиб буд: «Дар сохтмони ин марказ шитоб накардем. Дар тӯли ҳашт сол онро ба анҷом расондем...».

Ин тавзеҳ ба ман бисёр писанд омад. Зеро на як бинои навбатӣ, балки асари санъате қад афрохт! Маҳз офариниши асари санъат ин гуна сабру таҳаммул тақозо дорад! Президенти мо ин нозукиро дарк кардааст!

Хулоса, иншооте арзи вуҷуд кард, ки арзандаи асрҳост.

Ман дар интернет суҳбати ду нафареро шунидам, ки барои тамошои ин муъҷиза мерафтанд.

– Ту, – гуфт яке аз онҳо, вақте бинои муҳташами марказ қомат афрохт,– Тоҷмаҳалро ҳам дидаӣ. Кадомаш беҳтар?

– Чунин ба назар мерасад, ки ин беҳтар аст, – гуфт ҳамроҳаш ба бино нигариста. Сипас қотеона гуфт. – Ин беҳтар аст!

Тамом, вассалом! Ин беҳтар!

Агар доир ба чунин бунёдкориҳо навиштанро идома диҳам, шояд тамом нашавад.

Имрӯз интернетро кушодам. Хабарҳои нав: қатораи тезгарди «Ҷалолиддини Мангубердӣ», ки аз Тошканд ба Хоразм меравад; сохтмони роҳи оҳани нави 111-километрае, ки аз маркази вилояти Тошканд тавассути Бекобод ба Янгиер меравад; бунёди роҳи нави тезгарде, ки ба Самарқанд мебарад; оғози корҳои асосӣ дар фурудгоҳи нави Тошканд...

Ба назарам, ҳайратҳоям дигар интиҳо нахоҳанд дошт.

## Ба ҷойи охирсухан

Варзишро дӯст медорам. Хайрулло ном рӯзноманигоре, ки аз шавқи камина ба ин соҳа вуқуфи комил дошт, охири солҳои навадум барои яке аз рӯзномаҳои варзишӣ бо инҷониб суҳбате орост.

– Инак, тими футболи Ҷопон ба финали чемпионати ҷаҳон роҳхат гирифт, – гуфт ӯ. – Мо кай дар чемпионати ҷаҳон ширкат меҷӯем?

– Акнун, бародар, –гуфтам ва як лаҳза воқеияти гирду атрофро пеши назар оварда афзудам: – интизор мешавем, ки кишвари мо мисли Япония рушд кунад...

Ба орзуямон расидем. Футболбозони мо роҳхати финалро ба даст овარданд. Пас... мо низ ба Япония монанд шуда истодаем? Магарам чунин аст. Ба ҳар ҳол, суръати рушди мо аз кишвари тулӯи офтоб баландтар аст.

Бовари комил дорам, ки ҳамин тавр хоҳад шуд!

Зеро барои сохтани имрӯз ва фардои Ватани мо инсоне камар бастааст, ки ватандӯст, мардумпарвар, чашмикордон ва одил аст!

***Бознашр аз рӯзномаи «Янги Ӯзбекистон» (12 май, с.2026, №95).***

# САФАР БА ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Солҳои охир ҷиҳати дар қаламрави Осиёи Марказӣ мустаҳкамнамоии муҳити осудагӣ, барқарорӣ ва эътимоди тарафайн сарони кишварҳои минтақа, хусусан роҳбарони Ӯзбекистону Тоҷикистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хидмати босазо мекунанд. Муносибот дар риштаҳои гуногун бо кишварҳои ҳамсоя ба дараҷаи нав баромада, алалхусус риштаҳои меҳру оқибат байни халқҳои ӯзбек ва тоҷик, ки бародарони азалӣ буда, таъриху фарҳанг ва арзишҳои милливу маънавии муштарак доранд, торафт мустаҳкам мегарданд.***



Вилоятҳои Тошканд (Ӯзбекистон) ва Суғд (Тоҷикистон) ҳамсояи якдигаранд. Некҳамсоягӣ ва баҳраманд шудан аз дидори якдигар ба ҳамгароиву қаробат мазмуни тоза эҳдо менамояд. Чорабиниҳои фарҳангӣ бо иштироки эҷодкорони ду халқ дар ҳар ду ҳудуд ба анъана табдил ёфтааст. Садо додани суруду тарона ва шеърҳои дилангез бо ӯзбекиву тоҷикӣ дилҳоро ба ваҷд оварда ва ба иштирокдорон як олам таассурот мебахшанд.

Ба наздикӣ бо ташаббуси «Ҷамъияти ӯзбекони вилояти Суғд», ки ба тарзи ҷамоатӣ созмон ёфтааст, дар ҷамоати деҳоти Муҷуни ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд ҳамчун яке аз ҳамоишҳои маънавии муфид хеле хотирпазир сурат гирифт. Дар он аҳли санъат ва намояндагони илму адаби тоҷику ӯзбек, ки дар ду ҷумҳурӣ кору эҷод мекунанд, иштирок намуданд.

***

Адибон ва журналистони номвари ӯзбек Нуралӣ Қобул, Набиҷон Ҳошимов, Оллоёр Бегалиев, Рӯзибой Қулдошев, Турдиалӣ Норматов, Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Боир Холмирзоев, актёрҳои шинохта Маъруф Отаҷонов ва Бахтиёр Азимов, ки аз Тошканд баромада буданд, бо ворид шудан ба ҳудуди ноҳияҳои Спитамену Деваштичи вилояти Суғд аз ойинаҳои мошин чашм ба гирду атроф дӯхта, ободгариҳо дар ду самти роҳро дидан карданд, ки таассуротангез буданд. Баҳор худнамоӣ дошт. Гулҳои ҳаррангa, боғоту киштзорҳои сабз дар сарзамини тоҷикон ба чашм нур ва ба дилҳо хуррамӣ эҳдо мекард.

Мошинҳо дар роҳе пеш метохтанд, ки ба деҳаи номвари Яхтан мебурд. Дар маркази деҳа, ки хеле обод будааст, қарор гирифтем. Иншооти замонавии маъмурӣ, объектҳои маишӣ, муассисаҳои таълимиву тиббӣ бо саҳн ва ҳавлиҳои ороста диққати бинандаро ба худ мекашанд. Арафаи 9 май, ки буд, ҳама ҷо намуди идона дошт, ҳозирон ба ҷашн омодагӣ медиданд.

Ба пояи нимтанаи фарзанди далери Суғдзамин, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ӯрунбек Ёқубов, ки зодаи ҳамин деҳа аст, гулдаста гузоштем.

***

Дар ҷараёни сафар чанд нафар ҳамроҳони мо, ки зодаи ҳамин ноҳияанд, мисле роҳбаладӣ сохта, дар бораи деҳоти қади роҳҳо, одамони номдори ин сарзамин, комёбиҳое, ки меҳнаткашони деҳот дар солҳои охир ба даст овардаанд, нақлҳо мекарданд. Ниҳоят, ба маҳаллаи Кенагас, ки тобеи Ҷамоати деҳоти Муҷун будааст, расида, аз мошинҳо фуромадем. Моро раиси ҷамоати деҳот Абусамад Абдумаҷидов дар дами дарвозаи худ истиқбол кард. Одамони зиёди синну соли гуногун даст пеши бар меистоданд. Гумон кардем раис тӯй ё ягон чорабинии оилавӣ дорад, ки мардуми зиёд ба манзилаш даро-баро доранд. Баъд фаҳмем вай ба муносибати 9 май, ки Рӯзи Ғалаба аст, дастархон кушода ва маърака оростанист. Падари ӯ Абдуллатифота Абдумаҷидов (шодравон) собиқадори меҳнат ва ҷанг будааст. Солҳои дароз ба ҷамоати деҳоти Муҷун раисӣ ҳам карда, дар ободонӣ ва пеш бурдани корҳои хоҷагӣ сарубар гаштааст. Акнун Абдусамад дар шароити нави таърихӣ корҳои падари накӯномашро идома дода, ҷиҳати ба хоҷагиҳои деҳоти гирду атроф ҳарҷониба намуна гаштани Муҷун, ки наздик 36 ҳазор нафар аҳолиро муттаҳид сохтааст, саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад.

***

Чорабинии асосӣ – вохӯрии мардуми деҳаи Кенагас бо як гурӯҳ намояндагони адабиёт ва ҳунар аз Тошканд дар пешрӯйии хонаи маданият рӯйи кор омад. Хонандагони мактаб, падару модар ва қарибони онҳо, сокинони қишлоқ, ки асосан ӯзбекзабон будаанд, ба адибон ва ҳунарпешагон аз пойтахти Ӯзбекистон дидор диданд. Баромадҳоро бо мароқ тамошо карданд. Мактабиён низ шеъру сурудхонӣ намуданд. Ҳар як баромад, чӣ бо тоҷикӣ ва чӣ бо ӯзбекӣ, диққати умумро ба худ мекашид. Замзамаҳо дар васфи истиқлол, Ватан, дӯстии ду халқ, сулҳ ва осудагӣ ҳамнаво бо таронаҳои ҳамдилӣ буданд ва ба нозуктарин торҳои эҳсоси бинанда нохун мезаданд.

Дар доираи чорабинӣ рӯнамоии китоби рангае доир гашт, ки дар Тошканд ба табъ расида, ба ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши собиқадори ҷанг ва меҳнат аз Кенагас Абдуллатифота Абдумаҷидов бахшида шудааст. Ҳамчунин тақдимоти китоби тозанашри адиби номвари ӯзбек Нуралӣ Қобул «Салом, эй кӯҳҳо» ба вуқӯъ пайваст, ки бо забони тоҷикист. Қисса ва ҳикоёт аз ҷониби Сироҷиддин Икромӣ, Сурайё Аҳмадзод ва Юнуси Имомназар баргардонда шудааст.

Навъе дар чорабинӣ қайд гашт, Деваштич зодбуми як қатор намояндагони номвари адабу фарҳанг аст. Сироҷиддин Осимӣ ва Мирзо Мавлон, ки шеърҳои хуб мегуфтанд, ҳаминҷоӣ буданд. Шоири халқии Тоҷикистон Зулфия Атоуллоева (Атоӣ), нависандаи бачаҳо, лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Азизи Азиз, адиби маъруф Латофат Кенҷаева, суханвари боистеъдод Бузургмеҳри Баҳодур зода ва парвардаи ҳамин сарзаминанд.

Дар вохӯрӣ шоирони маҳаллӣ Эгамназари Соҳибназар ва Зулфия Бобоева ҳузур доштанд ва шеърҳо хонданд.

Адибони аз Тошканд ташриффармуда китобҳои худро ба дабистони таълими умумии деҳа туҳфа намуданд.

***

Гуфтугӯҳо дар манзили раиси ҷамоат Абдусамад Абдумаҷидов то бевақтии шаб давом намуд. Аҳли хонадон ва қарибони раис то субҳ нахуфта, дар деги маърака ош пухтанд. Аз пагоҳии барвақт аҳли деҳа даромада омада, ба сари дастархон нишастанд. Маросими ёдбуди собиқ раиси хоҷагӣ, собиқадори ҷанг ва меҳнат Абдуллатифбобо Абдумаҷидов хотирмон сурат гирифт. Ин гуна чорабинӣ дар хонадон 9 май ҳар сол сурат мегирифтааст.

Меҳмонон ҳамроҳ бо фаъолони ноҳия ба қабристони деҳа рафтанд. Ба пояи ёдгории шодравонҳо гулдастаҳо гузоштанд.

Маълум гашт дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд 8 май чорабиниҳои идона баргузор шудааст. Айни дам дар вилоят ду нафар иштирокдорони Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ дар қайди ҳаёт будаанд. Дуи онҳо дар ноҳияи Деваштич, ки мо ҳузур доштем, истиқомат мекардаанд.

Соли равон аз ҷониби раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба ҳар ду иштирокдор ба андозаи 50 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ дода шудааст. Ҳамчунин ба ҳар кадом 39 нафар, ки дар ақибгоҳ меҳнат кардаанд, 10 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 39 ҳазор сомонӣ туҳфа гардидааст.

***

Дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд театри давлатӣ-драмавии ӯзбек мавҷуд, ки номи Шукур Бурҳоновро дорад. Наздик навад сол инҷониб ин даргоҳи ҳунар самаранок фаъолият мебарад. Меҳмонон аз Тошканд сари қадам ба театри мазкур даромаданд, ба ҳаёти имрӯзааш шинос шуданд. Собиқадори меҳнат Абдуқодир Яҳёев дар ин бобат ба ҳозирон нақл намуд. Ҳунарпешагон Боир Холмирзоев ва Маъруф Отаҷонов низ дар бораи фаъолияти театр, ҳамкориашон бо ходимони пешбари он дар солҳои гуногун сухан ба миён оварданд. Маълум гашт ҳунарпешагони зиёде, ки дар Ӯзбекистон маҳбубият пайдо кардаанд, замонҳое дар ин ҷо кор карда ва таҷриба андӯхта будаанд. Аз ҷумла, сарояндаи номӣ, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Ҳабиба Охунова дастпарвари ин боргоҳи ҳунар – театри давлатӣ-драмавии Нов (Спитамен) будааст.

***

Қабл аз бозгашт гурӯҳи мо рӯ ба шаҳри Хуҷанд – маркази маъмурии вилояти Суғд овард. Аз муассисаи давлатии «Осорхонаи Ҷӯрабек Муродов» дидан кард. Шиносоӣ бо экспонатҳои музей, алалхусус суҳбати гуворои овозхони бузург ва нотакрор, Ҳунарпешаи мардумии СССР Ҷӯрабеки Мурод ба ҳамроҳонамон як олам таассурот бахшид.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*ТОШКАНД – ХУҶАНД – ТОШКАНД.*

*Ба муносибати 90-солагии профессор Садрӣ Саъдиев*

# МУҲАҚҚИҚИ ФАРҲЕХТА

***Аввали солҳои 60-ум олими ҷавоне бо қадамҳои устувор ворид адабиётшиносии тоҷик гардид, ки бо фаъолияти илмии амиқназаронаи худ омӯзишу таҳқиқи саҳфаҳои пурпечу мураккаби адабиёти форсу тоҷикро ба зинаи нав бардошт. Ин олими ҷавону заковатманд Садрӣ Саъдиев буд, ки номаш дар феҳристи корҳои илмию тадқиқии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, бахусус, дар марказҳои илмию адабии он доиман зикр мешуд.***



Садрӣ Саъдиев 23 марти соли 1937 дар деҳаи Оқмасҷиди ноҳияи Самарқанд дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи рақами 21-ум ва шӯъбаи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ чун толибилми боистеъдод ба адабиёти классикии тоҷик таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, пас аз хатми ин боргоҳи бонуфузи таълимӣ, бо орзуи мутахассиси адабиёти классикӣ шудан ба Душанбе рафт. Дар Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси ходими калони бахши адабиёти классикии форсӣ-тоҷикии кафедраи шарқшиносӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Бо ҷаҳд дастнависҳоро омӯхт, сатҳи дониши илмӣ ва назарии худро такмил дод. Дар муайян кардани самти таҳқиқоти илмии худ, олими барҷаста Расул Ҳодизода ӯро роҳнамоӣ кард. Бо тавсияи ин адабиётшиноси варзида муҳаққиқи ҷавон омӯзиши эҷодиёти шоири машҳури ҳаҷвнигор Сӯзании Самарқандиро мавзӯи рисолаи номзадии худ интихоб кард. Тӯли чанд сол сари ин мавзӯъ кор карда, таҳқиқоти бузургеро дар бораи Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанд навишт ва онро бомуваффақият дифоъ намуд.

Аз соли 1972 ҳамчун корманди калони илмии Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон таҳқиқоти худро роҷеъ ба адабиёти форсӣ-тоҷикии асри XII идома дод. Дар ин ҷо ӯ яке аз муаллифони асосии силсилаи тадқиқот дар бораи адабиёти классикии тоҷик буд. Дар ҳаммуаллифӣ бо У.Абдуллоев дар бораи адабиёти форсӣ-тоҷикии нимаи дуюми асри XI ва асри XII таҳқиқоти бузургро таҳия кард, ки аввалин ва ягона таҳқиқоти монографии адабиётшиносии тоҷик дар бораи ин давраи муҳим ба шумор меравад.

Дар охири солҳои 70-ум С.Саъдиев ба омӯзиши адабиёти тоҷикии асри XVII ҷалб карда шуд. Дар натиҷа, чорумин таҳқиқоти бузурги монографии ӯ – «Адабиёти тоҷикии асри XVI» ба миён омад, ки дар он дар баробари муҳити адабӣ, рӯзгор ва осори чеҳраҳои барҷастаи адабиёти ин давра, аз ҷумла, Сайидо Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Малеҳои Самарқандӣ, инчунин ҳаёт ва фаъолияти шоири наҷиб Киром Бухороӣ таҳқиқ ва тафсир шудаанд. Қисми дуюми асосии таҳқиқот масъалаҳои нави эҷодиёти шоири бузург Сайидоро ба миён мегузорад.

Саъдиев соли 1990 диссертатсияи доктории худро дар мавзӯи «Самтҳои асосии рушди адабиёти асри XVII» омода ва дар Институти забон ва адабиёти Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ кард.

Илова бар таҳқиқоти монографӣ, Саъдиев муаллифи як қатор китобҳои илмиву бадеӣ низ мебошад. Бо мақсади дастрас намудани мероси адабии шоирони классикӣ барои доираи васеи хонандагон, дар чопи маҷмӯаи шеърҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳикоятҳои достонҳои «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ саҳм гузоштааст. Инчунин, бахшида ба 2500-солагии Самарқанд асари тазкиравии «Суханварони Сайқали рӯи замин» ва дигар китобҳоро нашр кардааст.

С.Саъдиев соли 1985 бо дастовардҳои бузурги илмӣ ба Самарқанд баргашта, аввал ҳамчун дотсент ва профессори кафедраи забонҳо ва адабиёти Шарқ ва баъдтар дар кафедраи адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд фаъолият намуд. Соли 1992 бо тавсияи Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Ӯзбекистон ба ин олими нуктадон унвони профессор дода шуд.

Ҳамин тариқ, С. Саъдиев ҳамчун донишманди тавонои адабиёти мумтоз фаъолияти пурсамари илмии худро ба омӯзиши саҳфаҳои мухталифи муҳити адабии Самарқанд ва таҳқиқи девони ашъори шуарои самарқандӣ бахшидааст ва дар ин самт хидматҳои бузургро анҷом дода, ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил гардидааст. Метавон гуфт, ки маҳз тавассути хидмат ва силсилатадқиқоти ҷиддии ин олими тавоно мавқеъ ва муҳити илмию адабии Самарқанд муаррифӣ гардид.

Фаъолияти ин олими пурмаҳсул пурвусъат аст. Ӯ на танҳо мутахассиси пуркори адабиёти мумтоз, балки муҳаққиқ ва мунаққиди номии адабиёти ҳозираи тоҷик мебошад. Вай ҳанӯз аз аввали фаъолияти илмии худ, баробари таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи адабиёти мумтоз ба масъалаҳои баҳсбарангези назарияи адабиёт, шаклу мазмуни асари бадеӣ, нуфузи сабки ҳиндӣ бар шеъри форсӣ-тоҷикӣ, махсусиятҳои шеъри тарз ва ашъори шоирони ин аҳд, тасаввуф ва таъсири он ба ашъори шуарои форсигӯ, таҳқиқи типологии масъалаҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик ва ҷараёни адабии машрутахоҳии Эрон, нақду баррасии адабиёти муосир низ ҷиддан машғул шуд.

Яке аз риштаҳои муҳими тадқиқоти олим рӯшан кардани махсусиятҳо ва вазъи адабиёти маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ буд. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX барои муҳити адабии Самарқанд як қатор шоирони номиро дод, ки бо осори худ характер ва хусусияти муҳимтарини адабиёти давррро ифода менамоянд. Аз ҷумла, Васлӣ, Аҷзӣ, Беҳбудӣ, Хоҷӣ Муин, Сипандии Самарқандӣ, Фахриддин Роҷӣ, Иброҳим Ҷуръат, Абдулғанӣ Ҷавдат, Шакурии Самарқандӣ ва аз шоирони сирф суннатӣ Тамҳид, Нақибхони Туғрал ва ғайра. Дертар бевосита ба ин муҳити адабӣ Садриддин Айнӣ ва Абдурауф Фитрат низ ворид гардиданд. Мувофиқи гуфтаҳои Саъдиев, муҳити адабии Самарқанд дар ин давра на фақат аз лиҳози ташаккули мазмуну мундариҷаи адабиёт, ривоҷу таҳаввул бо муҳити адабии Бухоро баробар шуд, балки аз он ҳам болотар рафт.

Мақолот ва гузоришоташ бобати муҳити адабии Самарқанд дар ибтидои асри XX ва вакилони он (аз таркиби китоби «Самарқанд адабий муҳити таърих кўзгусида»), дар радифи беҳтарин гузоришот ва пажӯҳишоти олимони ин ҷабҳа – Пайванди Гулмурод, Олимҷон Салимов, Ҳамза Боқиев, Абдухолиқи Набавӣ, Масрур Абдулло, Муҳаммадҷон Шакурӣ корҳои тадқиқии Соҳиб Табаров, Абдулҳай Маҳмадаминов қарор доранд. Аслан тадқиқи масъалаҳои типологии адабиёти маорифпарварии тоҷик ва эрону турк низ бо номи устод марбут аст.

Алҳол устод дар навиштану эҷод кардан ҳаргиз хастагиро эҳсос намекунад. Барои ӯ кор мазмуни зиндагӣ ва навиштан равиши ҳаёт шудааст. Зеро дар таълиф ва эҷод ҳамеша шавқ роҳбари ӯ буд. Гӯё Худованд ин соҳибқаламро барои таълиф ва эҷод ба дунё овардаву тавассути ин олими заковатманд олами илми адабиётшиносии моро мунаввар гардонд.

**Сироҷиддин ХӮҶАҚУЛОВ,**
**профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

***Дар китоби «Аҳмадҷон Мухторов – дар хотираи ҳамзамонон» гап дар бораи шахсе меравад, ки дар журналистикаи нимаи дуюми асри гузаштаи ҷумҳурӣ нақши ногусастанӣ гузоштааст. Барои Аҳмадҷон Мухторов хусусан давраи фаъолияташ дар солҳои «бозсозии горбачёвӣ» ва давраи оғози истиқлолият пуртаҳлукаву нооором буд.***

# МУХТОРОВ – ОИНАИ МАТБУОТИ ДАВРИ ХУД

Замони роҳбарии ӯ аввал аз рӯзномаи вилоятии Самарқанд шурӯъ гардид ва баъдан ба пойтахт даъват шуд, то ки ба рӯзномаҳои «Қишлоқ ҳақиқати» – «Сельская правда»-ро роҳбарӣ намояд. Вақте расид, ки баробари аз байн рафтани яккаҳизбии коммунистӣ, нашрияҳо ба ҳизбӣ ва ғайриҳизбӣ тақсим шуданд ва зарурат пеш омад, ки рӯзномаҳои ҳукуматӣ ва парлумонии алоҳида таъсис дода шаванд.

Ҳамин тариқ рӯзномаҳои «Халқ сўзи» – «Народное слово» соли 1989 бо кӯшишу ҳаракати Аҳмадҷон Мухторов арзи вуҷуд карданд. Ӯ инчунин чун раиси Иттифоқи журналистони ҷумҳурӣ депутати халқии Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб гардида, аз соҳаи журналистикаи на танҳо Ӯзбекистон, балки тамоми минтақа намояндагӣ менамуд ва манфиатҳои соҳаро дар зинаҳои мухталиф дифоъ мекард.

Дар китоб бештар аз 40 муаллиф бо матлаби худ ба се забон – ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ аз хусуси ҳамкории хотирмон бо Аҳмадҷон Мухторов ва шуҷоати касбии ӯ нақл кардаанд, ки он бо кӯшиш ва ҳиммати журналисти собиқадор Раҳимҷон Султонов ба чоп расидааст.

Дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон, ки рӯнамоии китоб ба вуқӯъ пайваст, ҳамкасбон ва шогирдон аз хусуси замони ҳамкорӣ ва сабақашон аз «мактаби Мухторов» ва умуман аз лаҳзаҳои ҷолиби рӯзгори марҳум нақлҳо карданд.




Шоистаи зикр аст, ки ӯ чун журналисти ҳақиқӣ, бо вуҷуди ин ки дар вазифаи сармуҳаррирӣ буд, бо имзоҳои «А.Ғуломов ва А.Ғуломзода» дар «Овози тоҷик» низ мақолаву хабарҳои ҷолиб чоп мекард.

**Т. ИКРОМОВ.**

# МАҲСУЛОТИ САМАРҚАНД – БА АМРИКО

***Бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Сарвари давлатамон риштаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ густариш меёбад. Ҳайати вакилони сармоядорону соҳибкорон таҳти роҳбарии ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафар карда, нисбати пешбурди лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ ба созишномаҳо имзо гузоштанд.***

Чуноне ки хидмати ахбори ҳокимияти вилоят иттилоъ дод, вакилони Самарқанд бо роҳбари ширкати «Cangita Capital Partners» Энтони Сэнсон, президенти Донишгоҳи Вебстер Тим Кин, роҳбари ширкати «ITF» Саидазим Бурҳонов, ки дар иёлоти Миссурӣ дар соҳаи логистикаи байналмилалӣ ва хидматрасонии боркашонӣ фаъолият мекунад, мулоқот анҷом доданд. Инчунин бо губернатори Миссурӣ Майк Кехой суҳбат ороста, доир ба бозори Амрико баровардани маҳсулоти нассоҷӣ, ки дар Самарқанд истеҳсол мешавад, шартномаи ҳамкорӣ бастанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ТЕАТРҲОИ МУСИҚӢ БОЗ ОМАДАНД

***Ҷашнвораи III байналмилалии театрҳои мусиқии «OPERETTA.UZ», ки аз 15 то 17 май дар Театри давлатии мазҳакавию мусиқии Ӯзбекистон баргузор мегардад, мувофиқи Қарори Президент аз 22 ноябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани нақши театрҳо дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ва дастгирии минбаъдаи фаъолияти онҳо» ва Қарори Девони Вазирон аз 18 апрели соли 2019 «Дар бораи чораҳои боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои театрии давлатӣ ва ташкилотҳои фароғатии консертӣ» бо дастгирии Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи ходимони театрии Ӯзбекистон баргузор мешавад.***




Ҳадафи асосии он тақвияти ҳамкории байналмилалӣ байни мутахассисони театр дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои ҳамсоя мебошад, ки бешубҳа ба зуҳури фазои ягонаи фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Намояндагони театрҳои мусиқӣ аз Беларус, Қазоқистон, Русия ва Тоҷикистон дар он иштирок мекунанд. Дар байни иштирокчиён коргардонҳо, хореографҳо, гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони пешбари саҳнавӣ ҳастанд. Форум барои тақвияти ҳамкории байналмилалии эҷодӣ, мубодилаи таҷриба байни мутахассисони эҷодӣ ва банақшагирии дарсҳои мастер-класс ва сафарҳои ҳунарӣ равона шудааст.

Барномаи ҷашнвора нишасти матбуотӣ бо иштирокчиёни форум, шахсиятҳои фарҳангӣ ва санъат, конфронси илмӣ-амалӣ дар Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Ӯзбекистон дар мавзӯи «Зеҳни сунъӣ, технологияҳои муосир дар театр»-ро бо иштироки директорони театрҳои мусиқӣ, шахсиятҳои фарҳангӣ ва санъат дарбар мегирад.

Баҳси мизи мудаввар дар мавзӯи «Ҳамкории театрӣ дар саҳнаи байналмилалӣ», ки дар он меҳмонони форум иштирок доштанд, низ доир гардид.

Намоиши мусиқии «Роҳ ба сӯи Учкудуқ» – сафари пурҷӯшу хурӯши мусиқӣ, ки хитҳои VIA-и афсонавии «Ялла»-ро ба ҳам мепайвандад ва ба қисми ҷудонашавандаи хотираи фарҳангии чанд насл табдил ёфтаанд, дар барнома ҷой гирифтааст.

Устохонаҳо, озмоишгоҳҳо барои актёрӣ ва шӯъбаи бадеӣ ва продюсерии театр дар доираи анҷумани театрӣ ба ҳаводоронаш ҳавола мегардад.

Дар гала-консерте, ки форумро ба анҷом мерасонад, солистҳо аз Театри опера ва балети академии давлатии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ низ ширкат меварзад.

– Ба ҳам омадани эҷодкорони театрҳои мусиқии давлатҳои ҳамсоя ва фазои умумии фарҳангӣ робитаҳои онҳоро боз ҳам қаринтар ва бинандагону ҳаводорони ҳаёти театриро ошнотар месозад, – иброз дошт мудири бахши адабии Театри давлатии мазҳакавию мусиқии оперетта Озод Аҳмадов.

**Т. МИРҲАЁЕВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 2060. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.